ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ЧӢ ГУНА БА СУРИЯ МЕРАВАНД? с.3

АКАДЕМИК ТАВСИЯ ДОД, МУОВИН РАД КАРД с.6

РОҲБАРИ «АЛ-ҚОИДА» КУШТА ШУД. АЗ ЗАВОҲИРӢ КИСТ? с. 4

ТОҶИКИСТОН

№31 (1490) 03.08.22 Оғози нашр: марти 1992

*Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!*




# НАРХҲОИ ДАНДОНШИКАН

## Масъулин «ИСТЕҲСОЛ ЗИЁД ШУД» мегӯянд. Омор воқеист ё дар рӯи коғаз?



*Сулаймон Зиёзода, муовини Сарвазири ҶТ*

*Саъдӣ Каримзода, вазири кишоварзии ҶТ*

*Рустам Латифзода, раиси кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замини Маҷлиси намояндагон*

*Ҳусейн Идиев, раиси "Тоҷикматлубот"*

**АЗ НИГАРОНИИ СУБҲОНЗОДА**
то шиканҷаи мардон аз тарафи занон с.9

**ИЛМ**
Эътирофи олими ҷавони тоҷик дар ҷаҳон с.2


**ХАТЛОН**
Аз санг садо буду аз мақомот не с.3

**МАВЗӮИ РӮЗ**
То кай чашм ба Чину Покистон дорем? с.5

**ПАНҶАКЕНТ ВА АЙНӢ**
Чаро фарзандони барӯмандро қадр накунем? с.6

**КАНЗИ ШИФО**
Аз давои фишорбаландӣ то раҳоӣ аз фаромӯшхотирӣ с.13

**ВАРЗИШ**
Ширкати 9 паҳлавони тоҷик дар мусобиқаи Қазоқистон с.5



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,**
академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
президенти АИ Тоҷикистон, академик

**Далер ҶУМЪА,**
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,**
профессор

**Шералӣ РИЗОЁН,**
сиёсатшинос

**Абдулмаҷид УСМОНОВ,**
журналист

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

**Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,**
профессор, ҷомеашинос

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
сахифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ РЕКЛАМА:**
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
**44 601-35-95**
**director@tayron.tj**

**ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
**238-78-78, 44 640-99-88**
**ads@rg.tj**

**ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА**
**938-66-82-64, 221-41-11**
**furush@rg.tj**

## Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

### ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР МАОРИФИ ДУШАНБЕ

**Дар соҳаи маорифи шаҳри Душанбе тағйироти кадрӣ ба амал омад. Мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур ва Фирдавсӣ иваз шуданд.**

Муаррифии мудирони нав дар толорҳои МИҲД-и ноҳияҳо бо иштироки муовини вазири маориф ва илми кишвар **Абдулзода З. Н.**, муовини раиси шаҳри Душанбе **Одилзода Дилбар** ва сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе **Исмоилзода Баҳром** сурат гирифт.

Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми кишвар, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сино **Насим Давлатзода**, дар ноҳияи Шоҳмансур **Ҷамила Мусоҷонзода** ва дар ноҳияи Фирдавсӣ **Дилафрӯз Раҷабзода** таъин гардиданд.

### САЁҲАТИ РУСҲО БА ТОҶИКИСТОН АФЗУД

**Тоҷикистон дар тобистони соли 2022 дуввумин кишвари маъруфтарин барои саёҳати русҳо шуд. Дар ин бора маълумоти хадамоти таҳлилии сафарҳо ва сайёҳони Tutu.ru шаҳодат медиҳад.**

Ҳиссаи мусофироне, ки ба ин хатсайр чипта харидорӣ кардаанд, тақрибан 17,7 фоизро ташкил дод. Нархи миёнаи чипта ба ҷумҳурӣ ба 10,1 ҳазор рубл расид, ки нисбат ба соли 2021 49% камтар аст.

"Талабот ба кишварҳои хориҷи наздик бештар ба Қирғизистон, Тоҷикистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Белорус аст",- таъкид кардааст Tutu.ru.

Тавре аз рӯйхат дида мешавад, дар тобистони соли ҷорӣ Қирғизистон дар байни самтҳои ҳавоии Русия дар ҷои аввал қарор гирифт. Барои истироҳат ба ин кишвар 17,9% мусофирон рафтаанд.

Нархи чипта ба ин кишвар дар муқоиса бо соли 2021-ум 21% афзуда, ҳудуди 10,5 ҳазор рублро ташкил додааст.

Ба даҳ самти машҳуртарини ҳавоӣ Гурҷистон, Исроил ва Туркия шомиланд. Нархи чиптаҳо ба ин кишварҳо низ боло рафтааст.

Арзиши сафар ба Исроил махсусан хеле баланд шуда, нархи чипта дар муқоиса бо соли 2021-ум 181% афзуда, ба 42,9 ҳазор рубл расид.

Русҳо барои сафар ба Туркия ҳудуди 30 000 рубл пардохт мекунанд. Нархи билети ин хатсайри ҳавоӣ 139% гарон шудааст.

Нархи чиптаҳо ба Гурҷистон дар соли 2022 нисбат ба соли қабл 43% гарон шуда, қариб 27 ҳазор рублро ташкил дод.

"Тақрибан 88% парвозҳо дар тобистони имсол дар дохили Русия ва 12% дар хориҷа анҷом дода мешаванд",- хулоса карданд намояндагони ширкат.



*Элдор Ҷонназаров, олими 26-солаи тоҷик*

### ЭЪТИРОФИ ОЛИМИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ИДМ

**Аспиранти 26-солаи Донишгоҳи Сеченов аз Тоҷикистон Элдор Ҷонназаров беҳтарин олими ҷавон дар ИДМ шинохта шуд.**

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Хонаи Русия дар Душанбе, шаҳрванди Тоҷикистон аз рӯи нашри V-уми китоби байналмилалии асарҳои беҳтарин олимони ҷавони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар номинатсияи «Беҳтарин олими ҷавони ИДМ - 2022» соҳиби дипломи дараҷаи аввал гардид.

Ҳайати ҳакамон ба кори чашмшиноси 26-сола таҳти унвони «Такмили системаи баҳодиҳии қобилияти биной дар кӯдакони синни томактабӣ ва кӯдакони кару гунг» баҳои баланд додаанд. Ҷонназаров бо роҳбарии академики Академияи илмҳои Русия, доктори илмҳои тиб, профессор Сергей Аветисов тадқиқот гузаронидааст.

Илова бар ин, ӯ беш аз 30 мақолаи илмӣ навишта, ду маротиба квотаи ҳукумати Русияро гирифтааст: барои ординатура дар Донишгоҳи РУДН ва аспирантура дар Донишгоҳи овозадори давлатии тиббии Маскав ба номи И. М. Сеченов (Донишгоҳи Сеченов).

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

## САРИ САБЗ



**Асомиддин АТОЕВ, коршиноси масоили ТИК**

**- Яке аз масалҳои сӯзандаи тоҷикии мо, ки «китобдуздӣ ҳалол аст», ба он оварда расонидааст, ки моликияти зеҳнӣ дар ҷомеаи имрӯза камтарин қадр дорад.**

*- Эҳ, эҳ, ако, о шумо чиҳо гуфта истодаед!? Агар моликияти зеҳнӣ қадр намедошт, дидаву дониста, ки ҷавобгарӣ дорад, онро медуздиданд?*



**Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

**- Баъзан варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои дохилӣ фаъоланду ҳунарнамоии хуб доранд, аммо баъзан дар хориҷи кишвар зуд мағлуб мешаванд. Барои тағйири вазъ бояд бештар ба омодагии руҳию равонии варзишгарон таваҷҷуҳ кард, чун тайёрии ҷисмонию тактикиашон хуб аст.**

*- Сад фоиз дуруст, дастгирии молиявӣ кунед, раис!*



**Султон ҚУРБОНЗОДА, хореограф, омӯзгори рақс**

**- Вақте ба деҳа мераваму ҳамсинфони худро мебинам, зоҳиран нисбати онҳо хеле ҷавон вонамуд мешавам. Аксарияти онҳо риш мондаанду мӯйсафед шудаанд. Санъат инсонро пир намекунад.**

*- Шояд айб дар санъат набошад!? Як бор таҷриба кардаву шумо ҳам риш монед, ку чӣ хел вонамуд мешавед...*

# АЗ САНГ САДО БУДУ АЗ МАҚОМОТ НЕ

## Ҳакимзода мушкилоти беш аз 20-соларо ҳал мекунад

**Беш аз 20 сол аст, ки панҷ оила дар ноҳияи Кӯшониён бо мушкилӣ ва дар як шароити ногувор зиндагӣ мекунанд. Деҳаи онҳо ҳанӯз соли 1999 ташкил гардид ва мутаассифона, аз он замон то ҳол на барқ доранду на роҳ. Дурии мактаб ва муассисаҳои тиббӣ зиндагии мушкили онҳоро боз ҳам мушкилтар кардааст.**



Ҳанӯз соли 1999 дар натиҷаи баланд шудани сатҳи оби дарёи Вахш хонаҳои чанде аз сокинони деҳаи Дӯстии ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён шуста шуд. Аз миёни онҳо панҷ оила тахминан каму беш аз се километр дуртар аз деҳа бо замин таъмин шуданд. Тибқи ваъдаҳои осмонии масъулини он вақт, дар назар буд, ки дар наздиктарин муҳлат хати барқ кашида мешаваду роҳе барои рафтуомад бунёд мегардад. Сохтмони бунгоҳи тиббӣ низ дар назар буд. Вале, мутаассифона, аз он замон то кунун, яъне беш аз 20 сол мешавад, ки сарнавишти онҳо ҳавола ба тақдир аст ва касе аз масъулин барои бартарафсозии мушкилоти онҳо дасту остин барназадааст.

Рӯзномаи “Тоҷикистон” соли 2021 аз мушкилоти беш аз 20-солаи ин оилаҳо матлаб нашр карда буд. Аммо, ба ин мақола аз мақомоти маҳаллии ноҳияи Кӯшониён вокуниш карда нашуд.

Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон гуфт, ки гуруҳи корӣ бо роҳбарии муовини раиси вилоят рафта, бо шароити зиндагии мардум дар ҳамон мавзеъ шинос шуда буданд. Ӯ мегӯяд, онҷо ҳам проблемаи роҳ ва проблемаи барқ аст. “Онҳо ҳам шаҳрвандони мо ҳастанд. Чанд оилае, ки набошад”,- таъкид кард ӯ.

- Чанде пеш як маводи мушаххас шумо пешниҳод карда будед. Кӯшиш мекунем, ки дар навбати аввал то фасли сармо бо хати барқи доимӣ таъмин шаванд. Як трансформатор ва чанд метр симу симчӯб меравад. Метраш зиёд аст. Вале масъала масъалаи иҷтимоӣ аст. Инро ҳаллу фасл кардан даркор. Аз буҷети вилоят маблағ ҷудо мекунем. Баъд масъалаи роҳаширо мебинем. Ҳеҷ гап нест. Ин масъала ҳалшаванда аст,- афзуд вай.

Бо гузашти 23 сол, мутаассифона, ҳанӯз мушкили панҷ оила ҳавола ба тақдир аст. Ба қавле, дар ин вақти зиёд аз санг садо буду аз мақомот не.

Умед аст, ки мушкилоти беш аз 20-солаи зикрнамудаамон бо мусоидат ва масъулияту ғамхории Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон бартараф карда мешаванд.



Машраби АЛОВИДДИН

# АЗ ГУМРОҲӢ ТО МАЗЛУМӢ

## Шаҳрвандони Тоҷикистон чӣ гуна ба Сурия мераванд?

**Ҳафтаи гузашта 146 шаҳрванди Тоҷикистон аз давлати ҷангзадаи Сурия ба Душанбе баргардонида шуданд. Дар миёни онҳо бештар занонону кӯдаконанд. Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Кувайт Зубайдулло Зубайдзода, ки ҳоло дар Душанбе қарор дорад, ба чанд саволи мо посух гуфт.**



**- Суоли нахуст. Ин тасмими сафорат аз куҷо сарчашма мегирад?**

- Бо супориши бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи 25-уми июли соли 2022 марҳилаи якуми амалиёти баргардонидани шаҳрвандони кишвар аз урдугоҳҳои ал-Ҳол ва Роҷи Ҷумҳурии Арабии Сурия, ки зери назорати Неруҳои демократии Сурия (курдҳо) мебошад, бо муваффақият амалӣ гардид. Ҳамин тариқ, 146 нафар шаҳрванди Тоҷикистон, аз ҷумла 104 нафар кӯдакону наврасони аз 2 то 18-сола ва 42 зан тавассути парвози чартерии мустақим аз Сурия ба Ватан баргардонида шуданд.

**- Гуфтушунидҳо пештар буданд? Аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дастур дода шуда буд?**

- Боиси зикр аст, ки баъд аз гуфтушунидҳои тӯлонии ҳайати гуруҳи корӣ зери роҳбарии Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия ва доираҳои дахлдори ин кишвар масъалаи баргардонидани шаҳрвандон ба Ватан ҳалли худро ёфт.

Вобаста ба татбиқи ин ризолати муҳим Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баргардонидани шаҳрвандони тоҷик аз Сурия ба Ватан тартиб дода шуда, он аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардида буд.

**- Чуноне маълум аст, ин минтақаҳо зери тобеияти курдҳо ҳастанд. Онҳо монеа нашуданд?**

- Бале, ин лагерҳо дар минтақаи курднишинанд. Не, баръакс, курдҳо хеле дастгирӣ ва кумак карданд, то ин кӯдакони бегуноҳ ва занони мазлуму гумроҳшуда ба Ватан баргарданд.

**- Воқеан, ин занҳо чӣ гуна ба ин майдони ҷанг афтодаанд?**

- Баъзеашон тавассути муҳоҷирати корӣ аз Русия бо роҳи ба даст овардани маблағ ба он ҷо бурда шудаанд. Ҳатто намедонанд, ки чӣ гуна ба он ҷо афтодаанд. Чеҳраашон ғамгин, нигоҳҳои пурумед аст, сахт пушаймон шудаанд. Ягона умедашон Пешвои миллати тоҷикон аст. Ҳар касе ба он ҷо раваду ин ҳолати зорро бинад, то як моҳ ба худ омада наметавонад, як даҳшат аст он ҷо.


**- Оё боз шаҳрвандони тоҷик дар Сурияву Ироқ ҳастанд? Чӣ нақшаҳо ҳаст?**

- Бале ҳастанд, аммо миқдорашон ба касе маълум нест. Яъне, оморе нест. Вале гуруҳи корӣ ҷиҳати пурра баргардонидани шаҳрвандони боқимондаи тоҷик аз урдугоҳҳои ал-Ҳол ва Роҷи Сурия ба Ватан марҳилаи навбатиро дар наздиктарин фурсат оғоз менамояд.



Саъдӣ МАҲДӢ,
махсус барои
“Тоҷикистон”

**МАВҚЕЪ**



**ЛОЛАИ САИДАКБАР**

## МАРКАЗҲОИ КОМЮТЕРӢ БАДАХЛОҚ МЕКУНАНД?

**Шоҳиди воқеае шудам. Марди миёнсоле назди интернет-кафе писари наврасашро носазо мегуфту байни суханҳояш чанд бор такрор мекард, ки «ҳукумат ба куҷо менигарад?! Бояд «Интернет-кафе»-ҳоро банданд, то фарзандони мардум бероҳа нашаванд».**

Мардуми раҳгузар қисме ба тарафдории мард овоз баланд мекарданду қисми дигар бетараф пайи ташвишҳои худ овора буданд. Он лаҳза ман ҳам намедонистам тарафдори он мард шавам ё не, вале баъдтар ин ҳодиса таконе гашту чанд фикрамро рӯи коғаз овардам.

Рости гап, имрӯз дар шаҳри Душанбе сари ҳар қадам интернет-кафеҳоро вохӯрдан мумкин аст. Касе тавонистааст, дар як ҳуҷраяки танг чанд компютерро ба ҳам овардаю онро «Маркази компютерӣ» унвон намуда, тиҷораташро аз ҳисоби бачаҳои беодобу моҷароҷӯ равнақ медиҳад. Аслан, асри бистуяк асри технологияи навин асту бача бояд аз он бахраманд бошад. Гумон мекунам, ки ба беодобу гарданшах шудани фарзандони мо на интернету компютер, балки аз маърифату фарҳанг ва тарбияи анъанавии тоҷикӣ дур мондани онҳо сабаб мегардад. Имрӯз қариб дар ҳар хона компютер мавҷуд асту бо телефонҳои мобилӣ роҳат ба интернет пайваст шудан имкон дорад. Пас, аз ҳукумат талаб кардани бастани марказҳои интернетӣ чӣ маънӣ дорад?

Агар соҳибмаърифату донаем, дар интернет-кафе низ метавонем як руҳияи мусбате барои хеш пайдо намоем. Аммо афсӯс, аксари бачаҳои мо имрӯз интернетро як манбаи дилхушӣ ва бозӣ медонанд. Кам ҷавононеро вохӯрдан мумкин аст, ки ба хотири ҷустани илми наве рӯ ба компютеру интернет биёранд. Онҳо сомона ба сомона сайр карда, ғайбату фисқу фуҷур мекобанд, ки саромадонаш калонсолонанд!

Гумони ғолиб он аст, ки наврасону ҷавонони мо бо бархӯрд ба техникаи навин тайёр набуданд, соддатар карда гӯем, ақлашон ба истифодаи дурусту самараноки компютеру интернет намерасад.

**(Давомаш дар саҳ.6)**

# АМРИКО РОҲБАРИ “АЛҚОИДА”-РО ДАР КОБУЛ НОБУД КАРД

**Дар натиҷаи амалиёти зиддитеррористии Амрико дар Афғонистон яке аз раҳбарони «Алқоида» Айман Аззавоҳирӣ кушта шуд. Дар ин бора президенти ИМА Ҷо Байден дар як паёми вижаи телевизионӣ хабар дод.**



## Ҷо Байден: Адолат барқарор шуд!

Ҷо Байден хабар дод, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Кобул ҳамлаи ҳавоиро бомуваффақият анҷом дод ва раҳбари "Алқоида"* Айман Аззавоҳириро нобуд кард.

Байден дар як паёми телевизионӣ гуфтааст: "Адолат барқарор шуда, ин раҳбари террористон дигар нест. Мо ҳеҷ гоҳ ақибнишинӣ намекунем".

Вай тавзеҳ дод, ки ҳангоми ҳамла ба Айман Аззавоҳирӣ имкон шуд, ки аз талафоти ҷонӣ дар миёни мардуми осоишта пешгирӣ кард, зеро ба террорист бо нишони дақиқ зарба зада шуд.

Ин ҳамларо ду мушаки "Hellfire" ("Дӯзах") анҷом додаанд, ки аз ҳавопаймои бесарнишин ба балкони як хона дар Кобул партоб шудаанд, ки дар ин вақт худи Завоҳирӣ дар он ҷой буд.

Тибқи иттилои расмӣ, касе аз аъзои хонаводаи раҳбари террорист осеб надидааст.

Байден ёдовар шуд, ки раҳбари қатлшудаи "Алқоида"* дар куштор ва хушунат алайҳи шаҳрвандони Амрико, низомиён, дипломатҳо даст доштааст.

Раҳбари Амрико ҳамчунин гуфт, ки аз ин баъд адолат рӯ зад ва Амрико ҳаргиз намегузорад, ки Афғонистон дубора ба паноҳгоҳи террористон табдил ёбад. Амалиёти гузарондашуда далели равшани ин аст.

"Новобаста аз он ки шумо дар кучо пинҳон мешавед, агар ба мардуми мо таҳдид кунед, ИМА шуморо пайдо ва нобуд мекунад",- гуфт ӯ.

Президент таъкид кард, ки ҳукуматдорон минбаъд ҳам бодиққат назорат мекунанд ва ба таҳдидҳои "Алқоида*, ки аз кучо меоянд, чавоб хоҳанд дод.

Маълумоте ҳаст, ки Иёлоти Муттаҳида толибонро аз амалиёти маҳв кардани раҳбари террористҳо дар Кобул ҳушдор надодааст, аммо интизор меравад, ки муколама бо ҷунбиш идома ёбад.

## Завоқирӣ кист?

Завоҳирӣ созмондиҳандаи ҳамлаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ба Иёлоти Муттаҳида шинохта шуда ва аз он замон дар фирор буд.

Пас аз кушта шудани Усома бин Лодин дар Покистон дар соли 2011 ҳамчунин дар натиҷаи як амалиёти вижаи Амрико, ӯ “Ал-Қоида”-ро раҳбарӣ мекард.

ИМА барои маълумот дар бораи макони будубоши Завоҳирӣ 25 миллион доллар ҷоиза таъин карда буд.

Дар ҳамин ҳол, сухангӯи Толибон амалиёти Амрикоро риоя накардани принсипҳои байналмилалӣ номид.

"Чунин амалҳо такрори таҷрибаи бади 20 соли ахир буда, мухолифи манофеи Амрико, Афғонистон ва тамоми минтақа аст",- гуфтааст ӯ.

Ҳанӯз рӯшан нест, ки Толибон пас аз ба даст овардани қудрат дар Афғонистон дар моҳи августи соли 2021 ба Завоҳирӣ паноҳандагӣ додаанд ё на.

Кохи Сафед гуфтааст, ки мақомоти баландпояи Толибон огаҳ буданд, ки раҳбари “Ал-Қоида” дар Кобул пинҳон шудааст.

Як мақомдори ИМА ба хабарнигорон гуфтааст, ҳузури Завоҳирӣ дар пойтахти Афғонистон як нақзи ошкори созишномаи соли 2020 аст, ки дар он Толибон ваъда дода буданд, ки Афғонистонро аз як паноҳгоҳи амн барои терроризми байналмилалӣ пешгирӣ мекунанд.

# РУСИЯ ҶАҲОНРО АЗ ГУРУСНАГӢ НАҶОТ МЕДИҲАД?



**- Русия барои ба эътидол овардани вазъи ғизо дар ҷаҳон ҳама чораҳоро меандешад,- мегӯяд намояндаи вижаи кишвар дар назди Иттиҳодия Аврупо.**

Владимир Чижов, намояндаи доимии Русия дар назди Иттиҳоди Аврупо дар шабакаи телевизионии “Россия 24” гуфтааст, ки Маскав барои ба эътидол овардани вазъ дар бозори ҷаҳонии ғизо ҳама корҳоро мекунад.

"Ба эътидол овардани бозори ҷаҳонии ғизо ба нафъи Русия аст, ки кишвар дар ин замина кор мекуна",- гуфт Чижов.

Ӯ афзуд, ки фаъолияти дипломатҳои рус барои аз байн бурдани маҳдудиятҳо дар содироти маводи ғизоии Русия, аз ҷумла ғалла ва нуриҳои минералӣ идома дорад.

Қаблан Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷии ин кишвар гуфта буд, ки Русия дар музокирот дар Истанбул бар зарурати дарёфти роҳи ҳалли масоили содироти ғаллаи Русия ва Украина таъкид кардааст.

Сергей Шойгу, вазири дифои Русия рӯзи 22-юми июл хабар дод, ки дар Истанбул ду санад барои ҳалли мушкилоти таъмини ғизо ва нуриҳо ба бозорҳои ҷаҳонӣ ба имзо расидааст.

Гуфта мешавад, ки санадҳо дар бораи лағви маҳдудият дар интиқоли маҳсулоти Русия барои содирот ва кумаки Русия дар содироти ғаллаи Украина буданд.

Созише, ки аз ҷониби Русия, Туркия, Украина ва СММ баста шудааст, содироти ғалла, ғизо ва нуриҳои Украинаро тавассути Баҳри Сиёҳ аз се бандар, аз ҷумла Одесса дар бар мегирад.

Неруҳои мусаллаҳи Русия рӯзи якшанбе ба мавқеҳои артиши украинӣ дар бандари Одесса зарба заданд, аммо ба гуфти сухангӯи дафтари матбуотии президенти Русия Дмитрий Песков, ин ба раванди содироти ғалла монеагӣ намекунад.

Ҳамчунин Фарҳон Ҳақ, муовини сухангӯи дабири кулли СММ гуфт, бо вуҷуди зарба ба низомиён дар бандари Одесса, амалиёти содироти ғалла аз Украина тавассути Баҳри Сиёҳ метавонад амалӣ шавад.

## БОРИС ҶОНСОН ДАБИРИ КУЛЛИ НАТО МЕШАВАД?

**Сарвазири мустаъфии Британия Борис Ҷонсон метавонад соли 2023 дабири кулли Эътилофи Атлантикаи Шимолӣ - НАТО шавад. Дар ин бора "The Telegraph" бо такя ба манобеаш дар Кумитаи дифои парлумони Британиё хабар додааст.**

Ҷонсон феълан аз дастовардҳои маъракаи сиёсӣ ва иқтисодии Ғарб алайҳи Русия арзёбӣ мешавад. Ба гуфтаи Дэвид Ҷонс, вазири собиқи Британия дар умури хориҷшавӣ аз Иттиҳодияи Аврупо, маҳз Борис Ҷонсон дар тасмими Шветсия ва Финландия барои узвият дар Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ - НАТО таъсир расонд.

Вакил аз ҷиноҳи муҳофизакорон Ричард Дракс қайд кард, ки "ҳар як британиёии барҷаста барои ин мақом интихоби олӣ хоҳад буд" ва пуштибонияшро аз сарвазири пешӣ баён дошт.

## ҶАНҶОЛИ МАКРОНУ ШОЛТС БАРОИ ПУТИН

**- Садри аъзами Олмон Олаф Шолтс ва президенти Фаронса Эммануэл Макрон эҳтимолан дар ояндаи наздик ба хотири дарёфти муколамаи нав бо Владимир Путин бо Брюссел "ҷанҷол" оғоз кунанд,- навиштааст рӯзноманигор Мартин Ҷей дар як мақола дар Strategic culture.**

Муаллифи мавод бар ин назар аст, ки сиёсатмадорон метавонанд дар робита ба Русия бо раиси Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Лейен ихтилоф дошта бошанд.

Ба андешаи ӯ, Олмон аллакай ба додани зангҳо дар бораи хоҳиши тағйир додани муносибаташ ба Русия шуруъ кардааст, ки ба таъхир афтодани як бастаи кумак ба Украина дар ҳаҷми 9 миллиард евро дар Берлин аз ин шаҳодат медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки пас аз оғози амалиёти вижаи Русия дар Украина, Иттиҳодияи Аврупо аллакай ҳафт бастаи таҳрими зидди Маскав, аз ҷумла эмбарго ба ангишт ва нафтро қабул кард. Аммо, маҳдудиятҳо таъсире ба бор оварданд, ки ташаббускорони онҳо интизор набуданд.

Ҳамин тавр, аз сабаби таҳримҳо, занҷираи таъминот вайрон шуд. Ин ба мушкилоти иқтисодӣ ҳам дар Аврупо ва ҳам дар Иёлоти Муттаҳида оварда расонд ва кишварҳо ба болоравии бесобиқаи сӯзишворӣ ва маводи ғизоӣ дучор шуданд.

Путин гуфт, ки сиёсати ҷилавгирӣ ва заиф кардани Федератсияи Русия стратегияи дарозмуддат барои кишварҳои ғарбӣ аст ва таҳримҳо ба тамоми иқтисоди ҷаҳонӣ зарбаи ҷиддӣ заданд.

# ТО КАЙ ЧАШМ БА ЧИНУ ПОКИСТОН ДОРЕМ?

**Ҳар гоҳе сухан аз боби рушди иқтисодиёту молиёти кишвар равад, бо ном теъдоде аз таҳлилгарони масоили иқтисодӣ дониставу надониста, арқом ё нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таҳриф месозанд, ки чунин амалкард гувоҳӣ аз чаҳорчӯбаи ҳар гуна таҳлилу андешаи воқеӣ берун гаштанро медиҳад. Ин теъдод сатҳи таваррум, болоравии нархи маҳсулоти бозорро дастак карда, садо баланд мекунанд, ки рушди иқтисодиёти кишвар ба сифр баробар буда, ояндаи наздик ҳоли сангину вазнине моро дар пеш аст.**



**ОБИ ДАРИ ХОНА ҚАДР НАДОРАД ВА ЧАШМОНАМОН СӮИ ҲАМСОЯКИШВАРУ ЧИНУ ПОКИСТОН ЧОР АСТ, КИ КАЙ КАРТОШКАВУ ПИЁЗУ СЕБУ ДИГАР АНВОИ МЕВАҶОТ ВОРИДИ БОЗОРҲОЯМОН МЕСОЗАНД. ЧӢ, МАГАР ҲАМЕША БА УМЕДИ ДИГАРОНЕМ?**

Мутаассифона, чунин таҳлилрониҳоро бештар созмону ташкилотҳои ҷамъиятие бо ҷалби "таҳлилгарони дохилӣ" пешниҳод мекунанд, ки "дар фазои демократия сайругашт доранд" ва чунин дастуру супориши хоҷагонашонро ба хотири таҳияи маърӯзаи солонаи "демократпарварон" амалӣ месозанд. Хуб, фикр мекунам гуфтаҳоямро ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ нест, зеро он чӣ аён аст, онро ҳоҷат ба баён набувад!

Воқеъбину хушбин бояд буд. Ҳар кӣ дид ё нигоҳи хоса дорад, маротибе амиқан натиҷаҳои макроиқтисодиро дар сар гардиш медиҳад ва дар анҷом маълум хоҳад кард, ки дар ин рӯзҳои сахту мушкил, таъсири бухронҳои иқтисодиву сиёсии ҷаҳонӣ, идомаи низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, болоравии бесобиқаи нархи молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва дигар пайомадҳои номатлуби ҷаҳонӣ, иқтисодиёти моро низ ҳар лаҳза такон медиҳад. Аммо дар муқобили ин ҳама паёмадҳои бухронӣ, пешрафтҳоеро дар заминаи иқтисодӣ ноил шудаем, ки инро набояд нодида гирифт. Чунончи, дар нимсолаи якуми соли равон рушди иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ 7,4 фоиз таъмин гардида, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба 46,2 млрд сомонӣ баробар гардидааст. Дар ин давра нақшаи даромади буҷети давлатӣ 102% иҷро шуда, ба буҷет 15,1 млрд сомонӣ ворид шудааст. Чунин хулосарониро Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Ҳукумат, зимни таҳлили натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 ва вазифаҳо то охири соли 2022 ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025 ироа доштанд.

Воқеан ҳам, агар ба нишондодҳои оморӣ воқеъбинона назар афканем, дар баъзе аз соҳаҳо пешрафтҳое ба назар мерасанд. Дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ саноатикунонии кишвар, ки ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ пазируфта шудааст, босуръат идома ёфта, 137 корхонаи нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, рушди маҳсулоти саноатӣ 117,3 фоиз таъмин гардидааст. Дар марҳилаи аввали амалӣ гаштани ҳадафи стратегӣ ба даст овардани чунин нишондодҳо албатта фоли нек аст ва бо истифода аз захираву сарчашмаҳои дохилӣ метавон оянда вазъи саноатии кишварро беҳбуд бахшид.

Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, дар ин шашмоҳа истеҳсоли орд, ки барои мардум ҳамчун маводи аввалияи рӯзгор маҳсуб мегардад, 35 фоиз коҳиш ёфтааст. Коршиносон сабаби чунин коҳишёбиро марбут ба омилҳои дохиливу берунӣ медонанд. Таври маълум, воридоти орду ғалла бештар аз хориҷи кишвар сурат мегирад ва кишварҳои содиркунандаи орду ғалла, ки имрӯз мувоҷеҳ ба бухрони ҷаҳонӣ гаштаанд, имкони сад дар сад бо орду ғалла таъмин кардани кишвари моро надоранд. Аз чунин вазъи бамиёномада Сарвари давлат изҳори нигаронӣ карда, масъулини Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Ассотсиатсияи воридкунандагон ва коркардкунандагони ғалла ва маҳсулоти ғалладонагиро супориш доданд, то чиҳати мунтазам ворид намудани гандум ва дарёфти роҳҳои алтернативии воридоти он тадбиру чораҳои зарурӣ андешанд.

Омилҳои зикршуда сабаб шудаанд, ки як халта орди навъи якум дар мағозаву бозорҳои кишвар ба марзи 400 сомонӣ расидааст, ки бо чунин қимат на ҳама имкону тавони харидории як халта ордро доранд. Масъалаи мазкур рақами як аст, ки он бояд ҳалли хешро пайдо кунад.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар нимсолаи якуми соли 2022 рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 107,2 фоизро ташкил кардааст. Магар ин нишондод қонеъкунанда аст? Албатта не, зеро дар шароите, ки боду ҳавои мусоиду мувофиқ ва заминҳои киштбоби серҳосил дар ихтиёр дорем, метавон ҳосили табъи дил ба даст овард! Бале, метавон, ба шарте агар аз имконияту захираҳои мавчуда пурра ва оқилонаву самаранок истифода бурда шавад. Дақиқии рақами боло зарурат ба омӯзиш дорад. Зеро тарзе ки мо маълумот дорем, имсол истеҳсоли пиёз назар ба соли гузашта 1000 тонна камтар аст.

Замоне кишварамонро дар Осиёи Марказӣ ҳамчун макони ягонаи тавлидкунандаи меваю сабзавоти шаҳдбор эътироф мекарданд. Мутаассифона, имрӯз ҳар гуна омилҳои дохилию беруна садди пешрафт дар ин ҷода гаштааст. Дигар оби дари хона қадр надорад ва чашмонамон сӯи ҳамсоякишвару Чину Покистон чор аст, ки кай картошкаву пиёзу себу дигар анвои мевачот аз ин кишварҳо вориди бозорҳоямон мегардад. Чӣ, магар истеҳсолу парваришу коркарди маҳсулоти ақаллан аввалиндарачаро дар ихтиёр надорем, ки ҳамеша ба умеди дигаронем?

Агар дар кори худ содиқ бошему маротибе ҳам манфиати миллиро аз манофеи худ боло гузорем, он гоҳ имкону тавони содироти помидору картошкаву караму себу анҷиру шафтолуи худро ба дигар кишварҳо низ пайдо мекунем! Ҷиҳати расидан ба мақсад ҳар яки мо, бахусус масъулинро лозим аст, то ба ҷои ҳар гуна худнамоишдиҳиҳо, бехтару бештар кор кунанд (-ем), сарчашмаҳои нави истеҳсолотро ҷӯё шаванд (-ем), фазои сармоягузориву соҳибкориро ҷоннок намоянд (-ем).

Имрӯз дар Тоҷикистон шароити хуб барои роҳандозӣ кардани соҳаи чорводорию парандапарварӣ, моҳидорию занбӯриасалпарварӣ фароҳам аст. Аммо афсӯс, ки дар ин самт мо фориғболему баҳона пеш меорем, ки нархи сӯзишворию ҳар гуна хизматрасониҳо гарон аст.

Як муаммои дигар ва ё омили муҳими болоравии нархи маҳсулоти бозор побарҷост, ки солҳо боз атрофи он мегӯем, аммо афсӯс, ки натиҷае нест: кишоварзон ҳосили бадастовардаашонро, метавон хулоса кард, ки бо нархи ночиз ба дасти ҳаннотони бозорҳо муфтакак тақдим мекунанд, ки он молу маҳсулот то омадан ба бозорҳои дохилӣ дасти ба даст мегузарад. Мусаллам аст, ки аз як даст ба дасти дигар гузаштани маҳсулот дар худ сарбориҳое дорад, ки барои мардум мушкилот эҷод мекунад. Инро ҳама медонанд, ВАО-и кишвар низ аз арзи вуҷуд доштани чунин падидаи номатлуб бонги изтироб мезананд. Аммо...

Масъулин ва ҳар яки мо ро лозим аст, то ин гуфтаро ҳалқаи гӯши худ созем, ки: ҳар гуна иқдому ғамхориҳо танҳо ба хотири таъмини зиндагии шоистаи мардум ва беҳбуд бахшидан ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар аст. Пас, чаро пайи иҷрои дастуру супоришот фориғболӣ мекунем? Чаро бо ҳар гуна амалҳои номувофиқу мухолифамон бар чархи фарсудаву нимгардони осиёби бадхоҳони миллат об мерезем?

Ҷаҳд бояд кард ва ба умеди дигарон набояд шуд. Ба қавли Ғании Кашмирӣ:

*Кори худро худ кунӣ,*
*то нек ояд кори ту,*
*Кас нахорад пушти ту,*
*ҷуз нохуни ангушти ту.*

Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои "Тоҷикистон"



БА ТАВАҚҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ АБДУХОЛИҚ ХОЛИҚЗОДА ВА РАИСИ НОҲИЯИ АЙНӢ МУҚИМ МУРОДЗОДА

# ЧАРО ФАРЗАНДОНИ БАРӮМАНДРО ҚАДР НАКУНЕМ?



*Абдухолиқ Холиқзода, раиси шаҳри Панҷакент*



*Муқим Муродзода, раиси ноҳияи Айнӣ*

**Дар ҷамоати Ворӯи шаҳри Панҷакент ва Урметани ноҳияи Айнӣ назарам ба лавҳае афтод, ки онҷо акси фарзандони барӯманди ҷамоатро овехтаанд.**

Хуб мешуд дар даромадгоҳи Дашти Қозӣ аксҳои шоирон, нависандагон ва хизматчиёни давлатии ҷамоати Ёрӣ гузошта шаванд. Чунин ободониҳо ва эҷодҳо ба мардум таъсири мусбат мерасонанд.

Агар 14 ҷамоати шаҳри Панҷакент ба фарзандони номиашон арҷ гузоранд, ин шоистаи таҳсин аст. Метавон қад-қади шоҳроҳи Панҷакент - Айнӣ шоҳбайтҳое аз эҷоди Файзулло Ансорӣ, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Алӣ Муҳаммади Хуросонӣ, Махсум Олимӣ, Ато Карим ва ғайраҳо ҳаккокӣ кард. Ёд гирифтан ва пайравӣ кардан ба идеологияи Шӯравӣ ягон айб надорад. Охир, ҳамин шӯравӣ боиси он гардид, ки устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзодаро ҷаҳон шинохт. Ҳоло бошад, бархе шоирони моро ҳатто аҳли оилаашон намешиносанд, чунки ҳар кӣ тавонист, хому хатала шеъргуна навишту китоб чоп кард. Аммо китобе, ки ба дарди мардум хӯрад, то имрӯз пайдо нест, “китоб” гӯён, набояд ҳар гуна фаҳшро ба хонанда пешниҳод кард!

Мегӯянд, ки дар доираи адабии Ҳирот беш аз 500 нафар шоири соҳибдевон буд, аммо имрӯз чандеро мешиносанду халос...

Халқ пучро аз сара ҷудо мекунад. Ёд доранд мардуми Панҷакенти бостонӣ ободкориҳои собиқ сарварони шаҳр Шокир Собиров, Хусрав Абдуназаров, Шафеиён Ислом Зиёзодаро. Ободонию ободкорӣ ва созандагӣ шеваи кори ҳар кас нест. Ба хотир дорам ва шоҳидам, ки солиёни охир чандин сарварони тасодуфӣ ба литсейи касбӣ техникии шаҳр омада рафта бошанд ҳам, ҷоеро обод накарданд. Сарвари Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент Ҷовид Холов ин даргоҳи таърихӣ ва макони зиёиёни тоҷикро аз нав сохт, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент Муазамхон Ансорӣ чандин гӯшаю канори шаҳри бостониро обод кард. Ба хотири ҷашни 30-солагии Истиқлолият дар шаҳри бостонии Панҷакент таҳти роҳбарии Абдухолиқ Холиқзода беш аз 400 иншоот ба истифода дода шуд ва ҳоло ободонӣ босуръат давом дорад.

Дар ҳар як ҷаласа раиси шаҳри Панҷакент Холиқзода Абдухолиқ Санавбар мардумро ба созандагиву ободонӣ даъват мекунад. Дар як муддати кӯтоҳ кӯчаҳои Лоиқ Шералӣ, Борбади шаҳр ва Марғедари ҷамоати Рӯдакӣ асфалтпӯш карда шуд. Оқибати офати табиӣ дар ҷамоати Амондара ва Ёрӣ бартараф гардид.

Биёед дару девор, хонаву дари худро обод кунем, то сайёхону меҳмонони Тоҷикистони азиз донанд ва бинанд, ки мо ворисони Исмоили Сомонием!

**Холмурод САФАРЗОДА, журналисти собиқадор**

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

# ВАТАНДОРӢ БА ГУФТОР АСТ Ё...

**Солҳои охир дар бораи ватандорӣ бисёр мегӯянду менависанд, вале ифтихори ватандорӣ на аз сухан, балки аз дониши амиқ доштан дар боби таъриху фарҳанги миллат сарчашма мегирад.**

Инсон танҳо ҳамон вақт ба маънии томаш миллати хешро мешиносад ва ба қадри ҷонбозиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар роҳи пойдории давлат мерасад, ки роҳи дар тӯли таърих тайнамудаи миллати хешро бидонад ва аз ҷонбозиҳои фарзандони сарсупурдаи миллат пайи таҳкими давлат огоҳӣ дошта бошад.

Аз ин нигоҳ, нақши китоб дар тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстию меҳанпарварӣ ва дар шууру мағзу қалби онҳо ҷой намудани ифтихори ватандорӣ хеле бузург аст.

Китоб роҳи инсонро мунаввар намуда, натанҳо асрори илму донишро барои мо мекушояд, балки достони ҷонбозиҳо ва пайкори аҷдодони сарафрозамонро ба хотири Ватан бозгӯ намуда, дар дили шахс ҳисси ифтихорро ба вуҷуд меорад.

Аз ин хотир, пеш аз ҳама, волидон ва баъдан омӯзгорон дар мактаб бояд ҳамеша бар он талош намоянд, ки шавқу завқи китобхониро дар дили кӯдакону наврасон бедор созанд, зеро китоб беҳтарин муаллим буда, одамро ба маънии томаш одам мекунад.

**Мавзуна БОБИЕВА, омӯзгори МТМУ №50-и ноҳияи Варзоб**

# МАРКАЗҲОИ КОМЮТЕРӢ БАДАХЛОҚ МЕКУНАНД?

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

Ҳар як ихтирооти илмӣ ба хотири осон намудани мушкили инсон ва дуруст сарфа намудани вақти дар даст дошта аст, вале мо компютеру интернетро на барои сарфа кардани вақт, балки барои гузаронидани он сарф мекунем.

Аз мушоҳидаҳоям медонам, ки волидон низ компютерро танҳо барои бозӣ кардани фарзандонашон харидорӣ намуда, бепарвоянд, ки ҷигарбандонашон беҳтарин лаҳзаҳои умри ҷавонашонро назди равзанаи он паси сар мекунанд.

Чун дар урфият мегӯянд, ки “як сухан сесаду шасту шаш паҳлу дорад”, сухани ҳамон марди аз дасти интернет-кафеҳо ба дод омада низ ҳақиқат дорад. Бояд аз тарафи масъулини соҳа раванди кори ин гуна марказҳо омӯхта шуда, чӣ гуна барномаҳо доштанашон муайян шавад. Ин гуна ташаббусро метавонанд худи волидайн ба даст гиранд, зеро онҳо ҳақ доранд донанд, ки фарзандонашон ба кучо мераванду ба чӣ кор машғуланд?

Ба хотири чанд сомонӣ бо тақдири кӯдакон бозӣ намудан аз рӯи имону виҷдон ва оини инсонӣ нест!

БА ТАВАҚҶУҲИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ТОҶИКИСТОН РАҲИМҶОН САИДЗОДА

# АКАДЕМИК ТАВСИЯ ДОД, МУОВИН РАД КАРД!

**Беш аз 60 сол аст, ки дар соҳаи маориф бе танаффус фаъолият дораму падари 6 фарзанди баркамол, соҳиби набера ва абераҳои сершумор ҳастам. Набояд гумон равад, ки ман пири барҷомондаву бепарастор бошам.**



Дар тӯли фаъолияти чандинсолаи омӯзгорӣ дар Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи академик М. Осимӣ), гимназияи “Душанбе”-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ошкор сохтам, ки дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ китобҳои дарсию методӣ ба забони тоҷикӣ, бахусус аз фанни физика ангуштшумор мебошанд. Ҳамин буд, ки баъди соли 1981 дифоъ кардани рисолаи илмии номзадӣ дар Институти физикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Белорус дар мавзӯи “Тадқиқоти спектрҳои инфрасурхи фурӯбурди пахтаи навъҳои гуногуни селексионӣ” барои сабук кардани камбудии дар боло зикрёфта камар бастам.

Аввал бо ҳамроҳии дотсент Т. Шодиев китоби дарсии “Физика 10” (муаллифонаш Г. Я. Мякишев ва Б. Б. Буховцев)-ро дар ҳаҷми 22 ҷузъи чопӣ аз русӣ ба тоҷикӣ гардонида, ба чоп расонидем. Сипас, соли 1989 китоби А. С. Енохович “Справочник по физике и технике”-ро дар ҳаҷми 15 ҷузъи чопӣ дастраси тоҷикзабонон кардам. Дар натиҷа гӯё мактаби таълифу тарҷумаи китобҳои дарсию методиро ба итмом расонидам ва ба таълифи китобҳои дарсию методӣ чӣ барои мактабҳои миёнаю чӣ олӣ ба забони тоҷикӣ шуруъ кардам.

Китоби аввалинам бо унвони “Асосҳои физикаи ибтидоӣ” (иборат аз ду қисм дар ҳаҷми 28 ҷузъи чопӣ) ҳанӯз соли 1992 бо теъдоди 3 ҳазор нусха барои дохилшавандагони мактабҳои олӣ аз чоп баромад. Ин китоб ба аксар физикони ҷумҳурӣ шинос аст. Ба ҳамин минвол китобҳои дарсию методӣ чӣ барои мактабҳои миёнаю чӣ олӣ бо ҳамкории ҳамкасбону шогирдон ба нашр расонидем. Китобҳо асосан бо дастгирии соҳибкорон ё шахсони алоҳида нашр шуданд, ки танҳо барои 4 ё 5-тояш ҳаққи қалам гирифтаам. Ҳоло нашриётҳо ҳаққи қалами муаллифонро бо шарти ҳадди ақал ба фурӯш рафтани 60%-и тамоми нусхаҳои аз чоп баромада пардохт мекунанд. Маҳз бо ҳамин сабаб зиндаёд профессор Тошбой Бобоев (собиқ мудири кафедраи физикаи умумии ДМТ) ҳамчун сармуаллифи китоби дарсии “Физикаи умумӣ”, ҷилди 1, барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ (ҳаммуаллифонаш Ҳ. Саъдуллозода ва Д. Акдодов), ки нашриёти ДМТ ҳанӯз соли 2019 дар ҳаҷми 20 ҷузъи чопӣ бо теъдоди 200 нусха аз чоп баровардаву барои фурӯш ба ҳар як нусхааш анқариб 80 сомонӣ нарх гузошта шудааст, аз ҳаққи қалам баҳраманд нагардида, ин дунёи равшанро тарк намуд. Дар гумон аст, ки ман ҳам то дар қайди ҳаёт буданам ҳаққи қаламамро мегирифта бошам.

Дар ибтидои соли 2022 китоби дарсии нави “Физика 9” барои нашр ба вазорат пешниҳод шуд, ки ман яке аз ҳаммуаллифон мебошам. Айни замон барои таълифи ҳамин гуна китоби “Физика 10” ҳамчун яке аз ҳаммуаллифон ҳисса гузошта истодаам.

Доир ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо дастгирии олимони соҳаи физикаи ҷумҳурӣ, махсусан зиндаёд академик Ҳ. Муминов дар охири соли 2020 дастури таълимӣ-методӣ бо унвони “Алифбои физика”-ро дар ҳаҷми 8,5 ҷузъи чопӣ барои омӯзгорони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни мактабҳои олӣ, инчунин, хонандагони мактабҳои миёна ҳамчун сармуаллиф дар нашриёти ДМТ аз чоп баровардам.

Дар пешгуфтори ин дастур дар мисоли кашфиётҳои оламшумули олимон дар соҳаи физика, инчунин, аҳамияти амалии қонунҳою назарияҳои физика дар рушди техникаю технологияи муосир, татбиқи дастгоҳҳои физикӣ дар илмҳои дигари табиатшиносӣ зарурати омӯхтани фанни физика асоснок карда шудааст. Вале, мутаассифона, онро нашриёти ДМТ бо теъдоди ҳамагӣ 100 нусхаю бо нархи гарон ба фурӯш баровардааст. Бо ҳамин сабаб бо тавсияи Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон академик Ф. Раҳимӣ ба собиқ вазири маориф ва илми Тоҷикистон академик М. Имомзода ба тарзи хаттӣ барои бо теъдоди кофӣ аз нав чоп кардани “Алифбои физика” муроҷиат намудам, вале ҷонишини аввали вазир бо баҳонаи он, ки китоби дарсӣ нест ва имконияти онро бо теъдоди зиёд нашр кардан вазорат имкон надорад, ҷавоби манфӣ доданд.

Ҳоло ба шумо, вазири нави маориф ва илм рӯй овардам.

Умедворам, ки ин пешниҳод ҳалли худро меёбад ва ба муносибати эълон шудани озмуни ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат” саҳми маро ҳамчун сармуаллифи китобҳои нашршудаам, фаъолияти омӯзгории бисёрсолаам ва ҳиссаи дар ин ҷода барои маорифи ҷумҳурӣ гузоштаамро қадрдонӣ менамоед.

**Ҳоҷатулло САЪДУЛЛОЗОДА, дотсенти кафедраи физикаи умумии факултети физикаи ДМТ**

# БОЗОР КИ ДАРОМАДӢ, аввал нархи пиёзро пурс!



**Бало занад ҷинҳоятонро, ҷаноби Ҷумъазода! Пиёзи 7-8-сомонӣ навиштаму шояд чашмонашон тезу тунд шуд, ки дигар шабҳо то саҳар намемонанд баҳузур хоб равам.**

Лекин, рости гап, фикр мекунам, ки онҳо ягон айб надоранд. Шумои бало онҳоро таҳрик додагӣ. Э, бобо, ниқор аз ман мегиред? О, айби ман чӣ!? Ман ҳам аз пиёзсӯзак маҳрум, шумо ҳам. Хайр, бигиред, пеши вазири кишоварзӣ фиристонедашон, ё назди раиси "Тоҷикматлубот" ва ё ҳаволаи бахши кишоварзии парлумон кунед! Аз дасти ман чӣ меояд!? Базӯр-базӯр қад алам кардаву бо нӯги қалам давоми моҳ як лаб навола ба даст меорам, ки миёни чанд лаҳзаяке дар роҳи рӯзу рези зиндагӣ чошу пош мешавад. Раисони Маҷлиси намояндагону "Тоҷикматлубот" ё вазири кишоварзиро кай парвои ниёзҳои ману шумо!? Шояд худашон ба ҷойи пиёз муназзаму мунтазам пиёзи анзур истифода баранд! Ё об аз боло, аз ариқи сарвазиру муовини сарвазир оид ба кишоварзӣ лой бошад!? Ё мехоҳед ман ҳам, як мардаки оромтабиати ҳамеша «хуб» мегуфтагӣ низ тезу тунд шавам!?

Барқасдона мехоҳед, ки ман ҳам пиёз шавам?! Э, балотона гирам...

Ман ҳеҷ гоҳ пиёз намешавам! Вале хоҳиш дорам, ки худатонро турб натарошеду ҳама корҳоро турб накунед! Беҳтараш, хобҳои бандаи гандаро сари вақт ва одилонаву мунсифона таъбир намоед! Тавре мебинам, дар ичрои ухдадориҳоятон хунукназарӣ доред ва аллакай чанд хоби маро бетаъбир гузоштед. Агар помидор 8-10 сомонӣ намешуд, бо чунин нодидагириятон, ҷинҳои худи худатонро моил намудаву мефармудам, чунон помидоршаппакатон мекарданд, ки то бас гуфтан! Аммо боз зарба ба сари бечора масъулини Вазорати кишоварзӣ фурӯ мерафт. Дар ҳоле, ки аслан дар самти кишоварзӣ бояд бахши кишоварзии парлумон ва муовини кишоварзии сарвазир пешгом бошанд. Бояд санадҳое ба тасвиб расонида шаванд, ки мутобиқи онҳо мавқеи вазири кишоварзӣ аз раиси дилхоҳ шаҳру ноҳияи аграрӣ боло бошад. Бояд раисон назди вазири кишоварзӣ ба таври бояду шояд ҳисобот диҳанд. Гаҳвораи раисони ноҳияҳо аз осмон фаромадагӣ нест ку! Ё бинед, агар қадом раиси ноҳияи аграрӣ бемасъулиятиву сустӣ кард, ба ҷинҳоятон фармоед як фишораш оранд, то бо хоҳиши худ ба истеъфо равад. Оқибаташро фикр накунед. Ана, ман, кадри бад не. Ман ҳам бачаи деҳқон, кам-кам ба равиши об бел заданро медонам. Метавонанд маро вазир ё раис монанд. Агар мушкилотро ҳал кардам, хуб, агар не, боз сабукдӯш кунанд. Бе ин ҳам, ҳамин қадар сол ҳамин хел омадаву рафта истодааст ку!

Масалан, як замоне хостем заминро аз деҳқон кашида гирем. Хоҷагиҳои ба ном "тухмипарварӣ" таъсис додем. Фикр кардем, ки деҳқон маҳсулоти хуб истеҳсол кардаву пули муфт ба даст оварда истодааст. Яъне, бо деҳқон рақобат карданӣ шудем, аммо натавонистем. Ба ин маъно, ки гарчанде маош ҳам медодем, ҳатто заминҳои обиямон мисли пушти сари Сурхи Аттор холиву биёбонӣ гаштанд. Маҷбур шудем ҳисоботи росту дурӯғ супорем, барои заминҳои бекорхобидаамон «акт»-и дурӯғакӣ барорем, ки бо фалону бисмадон сабабҳо ҳосил надоданд. Ба ҷои ин ҳама "часпу талошҳо" як бор наандешидем, ки барои рушди кишоварзӣ таҳияи стратегияи мукаммалу муштарак аз ҷониби ҳама ниҳодҳои масъули соҳа лозим аст. Бас будагист акнун ҳама айбҳоро ба сари якдигар бор кардан!

Ана ҳамин хел, ҷаноби Ҷумъазода! Натиҷаи беғамиҳоямон аст, ки акнун пиёзро ҳам ба серӣ намехӯрему помидорро ҳам. Шумо бошед, аз ин ҳафта ба он ҳафта баҳона карда гаштед, ки таъбири хоб гуфта наметавонед, чун дар рухсатии меҳнатиед. О, наход рухсатии меҳнатии шумо ҳам мисли рухсатии вакилони парлумон ҳамин қадар тӯлонӣ бошаду беғамона кайф карда гардед?!...

- Бо кӣ "разбор" дорӣ, ака!?

Ин муроҷиати ногаҳонӣ як қад паррондам. Хестам, ки хоб будаам. Аввал хандаам омад. Баъд ором шудаву гуфтам:

- Бо экстрасенс Холиқназар Ҷумъазода камакак "разбор"-и лафзӣ кардам, то ба хобҳои пеш ва ҳоло дидаам таъбир кушоянд...

- Ҳааа,- нидо кард додарчаам ва аз хона берун рафт.

Фазлиддин АСОЗОДА,
f.asozoda@pressa.tj



# НАРХҲОИ ДАНДОНШИКАН

## Масъулин «истеҳсол зиёд шуд» мегӯянд. Омори воқеӣ ё рӯи коғаз?

**Як сӯ гармӣ, як сӯ қимматӣ, як сӯ ҳаннотӣ... Яке паси сар шуд, дуи дигар побарҷоянд. Инак, чандест, ки на танҳо дар манотиқи кишвар, ҳатто дар бозорҳои пойтахт нархи маҳсулот, бахусус меваҷоту сабзавот қиммат аст. Майли болоравӣ ҳасту поён не! Харидорон гила аз он доранд, ки масъулин аз истеҳсоли зиёд хабар медиҳанд, вале нарх рӯз аз рӯз гаронтар мешавад. Мо ҳолати воқеии нархи меваҷот ва дигар маҳсулотро дар бозори "Меҳргон"-и пойтахт пайгирӣ намудем.**



### Дидему шунидем...

Баробари ба бозор дохил шудан, аллакай шикояти харидорон дар даромадгоҳ ба гӯш расид. "Мана, дар 300 сомонӣ чӣ қадар харид кардам",- зане ишора ба пакете мекард, ки назди он истода буд.

Дар дохили бозор бошад, вақте нархҳоро бо чашм дидаву бо гӯш мешунавед, лол мегардед: як тарбуз 35-50 сомонӣ, харбуза 30-50 сомонӣ, 1 кг помидор 10-12 сомонӣ, 1 кг ангур 25 сомонӣ, 1 кг гӯшт бо иловаи равған 60-70 сомонӣ, 1 кг пиёз 7-8 сомонӣ. Ин рӯйхатро метавон идома дод. Мардум ноилочанд, қудрат ба тавон маҳсулоти ниёзро ба таври кофӣ гирифта истодаанд. Аммо як ҳолат моро дар ҳайрат гузошт. Вақте ки аз назди растаи гӯштфурӯшӣ мегузаштем, гӯё мӯд шудааст, ки ба гӯшт равған илова карда мефурӯшанд. Агар гӯшт 70 сомонӣ бошад, килограмми равған 30 сомонӣ аст, бо ин мақсад мехоҳанд ҷойи пӯсту каллаю почаи молро аз ин ҳисоб пур кунанд. Ана, инсоф! Пеш агар бо 50 сомонӣ тарбузу ангуру помидор харид карда мерафтед, ҳозир маҷбур бо як тарбуз аз бозор берун меравед.

### Нигоҳе ба омор

Тибқи нишондоди Вазорати кишоварзии кишвар, дар шаш моҳи соли ҷорӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 7,2% афзудааст.

Тарбуз ва харбуза 283 ҳазор тонна истеҳсол шудааст, ки 7,6% аз соли гузашта зиёд мебошад, вале нархи он 50% гаронтар шудааст. Масалан, агар соли гузашта 1 кг тарбуз ба 3 сомонӣ баробар буд, ҳоло ба 6 сомонӣ расидааст. Ангур низ чунин аст. Истеҳсол 11752 тонна, афзоиш ба 11,2% мерасад. Болоравии нархи он бошад, ба 50% расидааст.

Дар ин баробар истеҳсоли пиёз ба 408669 тонна ва помидор ба 147414 тонна расидааст, ки нисбат ба соли гузашта бештар истеҳсол шудааст.

Ба гуфтаи Саъдӣ Каримзода - вазири кишоварзии мамлакат, сабабҳои асосии болоравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ афзоиши харочоти барои парвариши онҳо, яъне харочоти сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ мебошад.

### Барнома бояд дошт

Ҳар сол дар ҷумҳурӣ нархи ин ё он навъи маҳсулот ҷалб боло меравад, соли дигар мебинем, ки таваҷҷуҳи деҳқонон ба ҳамон маҳсулот мешавад, то аз он фоидае ба даст оранд. Вале дар натиҷа на нархи бозор поён мешавад, балки норасоии дигар навъи маҳсулот ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, маъсулинро зарур аст, ки баҳри беҳтар намудани вазъияти мазкур татбиқи барномаҳоеро ба назар гиранд, ки мувофиқи он дар ҷумҳурӣ соле дар чанд гектар замин чӣ навъи маҳсулот кишт карда шавад. Агар кишти маҳсулот равиши тавозунӣ нагирад, ин ҳолат мушкилоти зиёдро ба бор хоҳад оварад.

Идибеки САИД,
коромӯзи "Тоҷикистон"



# АЗ АСКАРИ ҶБВ ТО РАИСИ КБД

**Моҳи июни соли гузашта собиқ раиси КБД Тоҷикистон, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), дӯсти Тоҷикистон, генерал Евгений Иванович Первентсев 95-сола шуд. Ӯ 10 соли фаъолияти чекистиашро дар Тоҷикистон сипарӣ кардааст.**



**Дар акс аз чап ба рост:** *Пичугин А. Ф., - сардори шуъбаи КГБ, Сироҷидинов М. Х. - сардори шуъбаи КГБ, Стройкин А. - сардори шуъбаи КГБ, Пулотов К. П. - ҷонишини раиси КГБ, Полукаров Ю. И. - Котиби 2-юми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, Расулов Д. Р. - Котиби якуми Партияи Коммунистии Тоҷикистон, Первентсев Е. И. - Раиси КБД Тоҷикистон, Стрекалов А. - ҷонишини раиси КБД, Ҳусайнов В. Ю. - ҷонишини раиси КГБ, Мамадризобеков Д. - котиби комитети партиявии КБД*

Зодрӯзи ӯро дар Маскав, дар бинои намояндагии доимии Сахаи Ёкутистон дар Русия таҷлил карданд. Дар маросими ҷашн муовини аввали раиси ҳукумати Сахаи Ёкутистон Федотов Андрей Сандаминович иштирок ва суханронӣ намуд.

Президенти Русия Владимир Владимирович Путин Евгений Ивановичро ба муносибати зодрӯзаш табрик гуфта, ӯро бо туҳфаи арзанда сарфароз гардонд. Аз ҷониби роҳбарияти ХФА ва дигар иштирокдорон шоми зодрӯз табрикот садо доданд.

Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон Ятимов Саймумин Саттарович, собиқ раҳбарони Кумита - Зухуров Саидамир Зухурович, собиқадорони сохторҳои бехатарии Русия ва Тоҷикистон низ соҳибҷашнро табрик намуданд ва нақши Евгений Ивановичро дар рушди соҳаи амният, тарбияи ходимони мақомоти бехатарӣ зикр намуданд. Як сол қабл чунин чорабинии бошукуҳ баргузор гашта буд.

## Первентсев кист?

Первентсев Евгений Иванович соли 1975 раиси Кумитаи давлатии амнияти Тоҷикистон таъин шуд. Ӯ аллакай мутахассиси пуртаҷрибаи соҳаи амният, «Аълочии фахрии КГБ-и СССР» буд.

Биёед ба он давра менигарем. Давраи муътадил, СССР, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар авҷи тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор доштанд. Дар Тоҷикистон иншооти муҳим, комплекси ҳудудии истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ бунёд гаштанд, калонтарин истгоҳи барқии обии "Норак" ба кор даромад, корхонаи калонтарини истеҳсоли алюминийи Тоҷикистон, Комбинати электрокимиёвии Ёвон ва Комбинати маъдани куҳиву металлургии Анзоб ба фаъолият оғоз намуданд.

Истгоҳи барқии обии "Норак" дар пешрафти кишоварзӣ ва саноат на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ нақши бузург дошт. Калонтарин обанбор дар ин минтақа ва комплекси барқию обии Бойғозӣ ба вуҷуд омад, ки оби дарёи Вахшро ҷиҳати обёрӣ ба танзим андохт. Ин орзуи чандин наслҳои ин минтақа буд. Дар ҳама ҷо шодию нишот ҳис карда мешуд. Ман, ки ҳам дар "Норак" ва ҳам дар "Бойғозӣ" дар чорабиниҳои идона иштирок доштам, он давраро хуб дар хотир дорам. Ҳосилнокиву ҳаҷми истеҳсоли пахта афзуд. Ҷамъоварии умумии ҳосили пахта ба дараҷаи аъло расид. Он соле ба 900 ҳазор тонна расида, соли 1981 дар дараҷаи рекордӣ - бештар аз 1 миллион тонна буд.

Дар ана ҳамон солҳо ба Кумитаи бехатарии давлатии Тоҷикистон Евгений Иванович Первентсев роҳбарӣ мекард. Чунон ки маълум аст, роҳбарони мақомоти бехатарии ин сатҳ бояд шабу рӯз кор карда, на танҳо аз вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ ва оперативӣ бохабар бошанд, балки ба ҳаёти иқтисодӣ, илмӣ ва мадании ҷумҳурӣ низ хуб сарфаҳм раванду вазифаҳои бамиёнгузоштаи таъмини амнияти мамлакатро иҷро намоянд.

Баъди ба Афғонистон ворид шудани қӯшунҳои Советӣ вазъияти оперативӣ дар ҷумҳурӣ тағйироти ҷиддӣ дид. Вазъият дар минтақаҳои наздисарҳадӣ тезутунд шуд. Задухӯрдҳо дар сарҳад ва кӯшишҳои вайрон кардани он аз тарафи ифротиён ва ҷангҷӯёни исломӣ ба қайд гирифта шуда, ҳодисаҳои қочоқи аслиҳа ва маводи мухаддир, инчунин ба хоки ҷумҳурӣ фиристодани адабиёти зиддисоветии таблиғотӣ бештар мушоҳида мешуд.

КБД Тоҷикистон дар расонидани ёрии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон иштирок намуда, инчунин ба фармондеҳони ҳарбии давлатҳову минтақаҳо дар бораи вазъияти ҳудудҳои ҳамсоя ахбороти оперативӣ медод ва ба таъмини амнияти гузаштани қӯшунҳову кашонидани борҳои низомӣ машғул буд. Дар якҷоягӣ бо неруҳои марзбонӣ барои ҳимояи оперативӣ ва низомии сарҳади давлатӣ тадбирҳои иловагӣ таҳия карда шуданд.

Қариб ҳар як корманди чорум аз ҷумлаи ҳайати оперативию идораи Кумитаи бехатарии давлатии Тоҷикистон дар он солҳои фаромӯшнашаванда аз мактаби кор дар Афғонистон гузаштааст. Евгентй Иванович ва чекистони Тоҷикистон аз уҳдаи иҷрои тамоми вазифаҳое, ки он вақт дар назди КБД Тоҷикистон гузошта шуда буданд, бо муваффақият баромаданд.

Вай ҳамчун депутати Совети Олии СССР мунтазам ба шаҳру наҳияҳои ҷумҳурӣ сафар карда, бо бисёр роҳбарони Тоҷикистон, депутатҳо, намояндагони коллективҳои меҳнатӣ, колхозу совхозҳо, ходимони машҳури илму маданияти ҷумҳурӣ ва шаҳрвандони оддӣ шинос буд. Вай дар байни роҳбарони мақомоти бехатарии ҷумҳурӣ ягона нафаре буд, ки дах сол дар ҷумҳурӣ кор кард ва тамоми ин солҳо дар ҳайати роҳбарият буд. Евгений Иванович ба роҳбарони Тоҷикистон бо эҳтироми бузург муносибат мекард, махсусан котибони якуми КМ ҲК Тоҷикистон Расулов Ҷаббор Расулович ва Маҳкамов Қаҳҳор Маҳкамовичро зуд-зуд ва гарму ҷӯшон ёдовар мешавад, ба хислатҳои кордонӣ ва инсониву одилонаи онҳо баҳои баланд медод. Бо дигар аъзои роҳбарияти кишвар низ муносибатҳои хуби корӣ ва дӯстона дошт.

Первентсев дар қиёс бо роҳбарони пештара ба мардум наздик буд, проблемаҳои ҳайати шахсиро медонист ва бо онҳо машғул мешуду миёни коллектив муносибатҳои эътимоднок ба вуҷуд меовард. Бо ташаббуси ӯ роҳбарони ҷумҳурӣ ва шаҳр, намояндагони илм, маданият, мутахассисони хоҷагии халқ дар назди Дастгоҳи марказии КБД Тоҷикистон дар бораи комёбиҳо ва проблемаҳо мунтазам баромад мекарданд. Ин анъана шуда буд. Ҳамин тавр, ӯ коллективро бо комёбиҳои ҷумҳурӣ шинос мекард ва шиносоии бештар бо ҷумҳурӣ пайдо мекард.

Дар ҳузури ӯ ва бо иштироки ҳамсараш Любов Ивановна бо ходимони илму маданият, зиёиёни эҷодкор, аз қабили Артисти Халкии СССР, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Маҳмуд Эсанбоев, Артисткаи Халқии СССР Малика Собирова, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода, Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, шоирони халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакару Муъмин Қаноат ва дигарон вохӯриҳо доир мегардиданд.

Барои коргарон ва оилаҳои онҳо дар корхонаҳои муҳиму пешқадаме аз қабили истгоҳи барқӣ-обии "Норак", Заводи алюминийи Тоҷикистон, комбинатҳои бофандагӣ ва абрешими Душанбе, заводи «Трактордеталь», заводи мошинсозии ба номи Дзержинский ва ғайра экскурсияҳои таълимӣ гузаронида мешуданд.

Маҳз ба шарофати обрӯви эътибори ӯ буд, ки кайҳоннавардони СССР Береговой Г. Т., Антюхин Ю. П., Гуляев В. И., Климук П. И., Филипченко А. В., Хрунов Е. В. ва Романенко Р. Ю. бо фаъолони ҷумҳурӣ ҳамсуҳбат мешуданд, аз дастовардҳои соҳаи кайҳоннавардӣ нақлҳо мекарданд. Ташрифи онҳо маҳз бо ибтикороти Евгений Иванович буд, зеро ӯ ҳангоми дар Москва кор кардан кайҳоннавардонро мешинохт.

Бо омадани Первентсев Е. И. талабот ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар сатҳи баланд қарор гирифт. Чунин талабҳо ҳамеша вуҷуд доштанд, вале дар ин давра ба хоста гирифтани кадрҳои мақомоти бехатарӣ, дар асоси анъанаҳои чекистӣ тарбия намудани онҳо бештар диққат дода мешуд. Шумораи ҳайати шахсӣ он вақт ба таври қобили мулоҳиза кам буд, вале вазифаҳои гузошташуда пурра иҷро мешуданд. Ҳама гуна ҳодисаҳои вайрон кардани интизом, сӯйистифода аз ваколат ва вайрон кардани қонун аз тарафи кормандон пешгирӣ карда шуд. Мақомоти бехатарӣ қатъиян дар доираи ваколатҳои худ, ки қонунгузории мамлакат муайян карда буд, фаъолият мебурданд.

Первентсев Е. И. ба касбияти кадрҳо, доираи назар ва фарҳанги волои кормандони соҳаи амният диққати махсус медод. Маҳз дар замони роҳбарии ӯ шумораи коргарон аз ҳисоби мардуми таҳҷоӣ зиёд шуд. Ӯ барои мо на танҳо роҳбар, балки муаллими асил, мураббӣ буд. Қариб ҳамаи онҳое, ки он замон бо Евгений Иванович кор мекарданд, баъдан бо касбияти баланд ба камол расида, роҳбар таъин шуданд, шумораи генералҳо ба 17 нафар расид. Миёни онҳо роҳбарони Кумитаи амнияти миллии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон - С. З. Зухуров, С. К. Камолов, Х. С. Абдураҳимов, С. С. Ятимов, инчунин шахсонеро, ки қаблан дар вазифаи муовинони раиси Кумитаи амнияти миллӣ кор кардаанд - Б. Н. Абдуллоев, Д. М. Мамадризобеков, Х. Х. Ҳамрокулов ва дигар ветеранҳои мақомоти бехатариро ном бурдан мумкин аст.

Евгений Иванович солҳои зиёд аст, ки соле як маротиба дар Москва ҳамкасбонро ҷамъ меовард. Вай хотираҳои худро ба мо нақл мекунад, ба пешравӣ ва сарнавишти ҳамкасбон марок зоҳир менамояд. Чунин сухбатҳо хеле шавқовару пурмазмунанд.

**(Давомаш дар саҳ. 14)**

# НИГАРОНИИ СУБҲОНЗОДА АЗ КОҲИШИ ДОНИШҶӮЁН



**Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми Тоҷикистон фаъолияти 7 муассисаи таълимиро дар ҷумҳурӣ қатъ кард. Далел чист?**

Кам шудани теъдоди донишҷӯён паёмадҳои манфӣ дорад, ки он метавонад ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ зарар расонад. Ин омил метавонад норасоии кадриро ба бор орад. Дар ин бора директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Тоҷикистон Икром Субҳонзода зимни нишасти матбуотӣ изҳори нигаронӣ кард.

Ҳамзамон, Субҳонзода қайд намуд, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ наздик ба 2,7 млн нафар толибилм ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки таҳсили онҳо дар 4822 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 696 боғчаи кӯдакона, 3940 мактаб, 82 коллеҷ ва 42 донишгоҳу донишкада ба роҳ монда шудааст. Аз тарафи Агентӣ дар шаш моҳ фаъолияти 7 муассиса - “Мактаби хусусии ба номи Мирзо Ҳасанзода” дар Мастчоҳ, Муассисаи ғайридавлатии таълимии “Ояндаи дурахшон” дар Бӯстон, ҶДММ “Хонаи британиягӣ” дар Душанбе, Маркази таълимии “Чароғи дониш” дар Душанбе, Ташкилоти ҷамъиятии хайриявии “Сафои Ватан” дар Душанбе, ҶДММ “Ҳисор” дар Ҳисор ва ихтисосҳои тиббии Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд, ки ба сифати таҳсилот ҷавобгӯ набудаанд, бозхонд ва баста шудаанд.

# 3677 СОҲИБКОР ФАЪОЛИЯТАШОНРО ҚАТЪ КАРДАНД



**Ба ҷумҳурӣ 173 млн доллар сармоя ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 57,6 млн доллар зиёд мебошад.Онҳо куҷо шуданд?**

Дар нишасти матбуотии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз теъдод ва сабабҳои қатъ гаштани фаъолияти соҳибкорӣ хабар доданд.

Саъдӣ Қодирзода, раиси ин ниҳод гуфт, ки “ба ҳолати 1-уми июли соли равон 338359 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, то ин дам 3677 нафар фаъолияти соҳибкории худро қатъ намудаанд. “Сабабҳои асосии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ фарсуда шудани иқтидори истеҳсолӣ, тобовар набудани маҳсулоти онҳо дар бозори дохилӣ ва паст будани малакаи молиявии соҳибкорон ба ҳисоб меравад”,- афзуд ӯ.

Тавре дар нишаст таъкид гардид, дар ин давра ба ҷумҳурӣ 173 млн доллар сармоя ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 57,6 млн доллар зиёд мебошад. Бештар ба Тоҷикистон аз Чин сармоя ворид гардида, аз Белгия, Швейтсария, Русия ва дигар давлатҳо низ сурат гирифтааст.

Аз Русия дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 18,5 млн доллар сармоя ворид гардидааст. Ин дар ҳолест, ки дар соли 2021 ҳамагӣ аз Русия 1,9 млн доллар ворид гардида буд.

Инчунин, кумита 90 ҳуҷҷати ҳамкорӣ бо доираҳои сармоягузории Миср, Белгия ва Ӯзбекистон ба маблағи умумии наздик ба 1,1 млрд доллар ба анҷом расонидааст.

# ЗАНОН МАРДОНРО ШИКАНҶА МЕДИҲАНД



**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 250 мавриди хушунати занон алайҳи мардон сабт шудааст. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Ҳилолбӣ Қурбонзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон хабар дод.**

Номбурда зикр кард, ки тибқи омори Вазорати корҳои дохилӣ, шумораи умумии мурочиати шаҳрвандон оид ба зӯроварӣ ё хушунат 1 ҳазору 523 нафарро ташкил медиҳад. Бештари шикоятҳо (1273) аз заноне будааст, ки нисбати онҳо аз ҷониби мардон зӯроварии оилавӣ истифода шудааст.

Далелҳои шикоят дар бораи зӯроварӣ дар оила нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ҳамагӣ 9 ҳолат кам шудааст.

Дар ҳамин ҳол, ба гуфтаи вай, дар марказҳои иттилоотии ноҳияҳои назди мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳр 478 мавриди зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта шудааст.

«Бо мақсади ҳалли ин мушкил аз ҷониби кумита як қатор чорабиниҳои пешгирикунанда ва суҳбатҳо бо оилаҳо ва ҳамсоягони онҳо гузаронида мешавад, то барои ҳамаҷониба омӯхтани мушкилот ва наҷоти оилаҳо мусоидат намояд»,- гуфт раиси кумита.

# 703 МУРОҶИАТ БАРОИ НОМГУЗОРИИ ФАРЗАНД



**Кумитаи забон ва истилоҳот дар нимсолаи якуми соли 2022 ба 703 мурочиати шаҳрвандон оид ба номгузории фарзанд хулоса пешниҳод намуд.**

Дар ин бора раиси кумитаи мазкур Олимҷон Муҳаммадҷонзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки аз ин теъдод 44 мурочиат аз ҷониби ақаллиятҳои миллӣ буда, ба 189 мурочиаткунанда хулосаи тавсиявӣ ва ба 470 мурочиаткунанда хулосаи рад дода шудааст. Тавре зикр гардид, теъдоди ишорашуда назар ба нимсолаи якуми соли 2021-ум 178 мурочиат зиёд будааст.

Ҳамзамон, кумита ба 21 номи маҳали аҳолинишин ва объектҳои ҷуғрофии худуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хулоса пешниҳод намуда, ба 4849 номи объектҳои ҷуғрофӣ тавзеҳнома навишта шуда, ба мақомоти дахлдор барои корбарӣ ва таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Тоҷикистон ирсол гардидааст.

# ДАР ҲИСОР НАЗДИК БА 3 ҲАЗОР ҶОЙИ НАВИ КОРӢ ТАЪСИС ЁФТ



**Дар шаҳри Ҳисор дар шаш моҳи соли ҷорӣ 2818 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 115 адад зиёд аст. Дар ин бора раиси шаҳри Ҳисор Қосим Раҳбар зимни нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон хабар дод.**

Дар нишаст қайд гардид, ки дар даромадгоҳи марказии шаҳр аз ду тараф биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бо бехтарин шароити будубош сохта мешаванд, ки ба ҳусни шаҳр зебоӣ зам менамоянд ва ҳам шароити хубе барои сокинон муҳайё мегардад.

Таъмини пешрафти устувори иқтисодии шаҳр 102,9% ичро гардидааст. Ҳамзамон, дар шаҳр барои сазовор таҷлил намудани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ барномаи мукаммале тартиб дода шудааст, ки мувофиқи он бунёди 1626 иншоот то ҷашн дар назар дошта шудааст.

Дар самти саноат дар шаҳр дар давраи ҳисоботӣ танҳо корхонаи “Ваҳдат – Текстил” 279,8 тонна ресмони пахтагин истеҳсол намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 261,9 тонна ё 15,6 баробар зиёд аст.

Ҳамзамон, Қосим Раҳбар тасмим дорад, ки корхонаеро дар самти коркарди партобҳои маишӣ дар шаҳр бунёд созад.

# РЕКОРДИ ИСТИФОДАИ БАРҚ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Асозода Маҳмадумар се мушкили асосии соҳаи барқу энергетикаро дар кишвар зикр кард.**

Маҳмадумар Асозода, директори Ширкати “Барқи тоҷик” ба хабарнигорон гуфт, ки “ 26-уми июли соли равон дар ҷумҳурӣ истифодаи максималии қувваи барқ ба қайд гирифта шуд. Дар ин рӯз дар ҷумҳурӣ дар як шабонарӯз 72,125 ҳазор кВт/соат қувваи барқ истифода шудааст, ки ин нишондод рекордӣ аст”.

Ҳамзамон, дар нишаст қайд гардид, ки дар шаш моҳи соли равон дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 7 млрд 659,3 млн кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол шуда, 71 млн кВт/соат назар ба соли гузашта бештар истеҳсол шудааст, ки 101%-и нақшаро ташкил медиҳад.

Асозода Маҳмадумар се мушкили асосии соҳаи барқу энергетикаи кишварро дар “кам кардани талафот”, “амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои бехтар намудани иқтидори энергетикӣ” ва “дар давраи тирамоҳу зимистон нигоҳ доштани тавозуни истеҳсол ва тақсимоти барқ” медонад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Бохтар

## ТЕППАИ ҚУРҒОН БОЗСОЗӢ МЕШАВАД



**Теппаи Қӯрғон, маъруфтарин макони таърихӣ дар шаҳри Бохтар фурӯ рафта истодааст. Масъулин осорхонаи таъриху кишваршиносии "Бибихонум"-ро, ки дар баландии ин теппа ҷойгир аст, садамавӣ гуфтанд ва фаъолияташро қатъ карданд.**

Сиҷоуддин Саломзода, шаҳрдори Бохтар дар нишасти хабарии хеш гуфт, ки соли 2015 Теппаи Қӯрғон таъмир шуда буд. "Дар натиҷаи борон тарқишҳо пайдо шуда буд. Ду соли охир ин тарқишҳо зиёд шуданд. Мо тасмим гирифтем, ки ҷиҳати пешгирӣ аз ҳодисаҳои нохуш осорхонаро ба дигар ҷой, ба Кохи фарҳанг кӯчонем",- таъкид кард вай.

- Майдони умумии Теппаи Қӯрғон 2,7 гектар аст. Буҷети Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар басанда нест, ки мо ба пуррагӣ аз таъмири асосӣ барорем. Агар ягон лоиҳа ва ё сарчашмаҳо пайдо нагарданд, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар ду сол - солҳои 2023-2024 ба нақша мегирем ва барои истироҳату фароғати сокинон месозем,- афзуд мавсуф.



Левакант

## НАҚШАИ МАКТАБСОЗӢ КАЙ АМАЛӢ МЕШАВАД?

**Дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон, мувофиқи баъзе маълумотҳо, ҳанӯз соли 1987-и асри гузашта сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1176 хонанда оғоз шуда буд. Мутаассифона, бо сабаби маблағгузорӣ нашудан сохтмон то кунун ба охир нарасидааст.**

Бунафша Файзиддинзода, раиси шаҳри Левакант рӯзи 22-юми июли соли 2022 дар нишасти хабарӣ гуфт, ки муассисаи таълимӣ бениҳоят калон аст. Ӯ мегӯяд, ки "мо айни замон аз ҳисоби буҷет имконияти сохтмони муассисаро надорем".

- Мо кӯшиш карда истодаем, ки дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамин мактабро аз нав барқарор кунанд ва сохтмонашро аз нав оғоз намоянд. Корбарӣ шуда истодааст дар ин самт. То ин муддат мактаб сертификати истифодабарии заминро надоштааст. Ҳозир мо кӯшиш дорем, ки ҳуҷҷатгузорияшро дуруст карда, ба Вазорати маориф пешниҳод намоем. Мумкин солҳои наздик ин масъала ҳалли худро ёбад,- афзуд вай.

Мутаассифона, Бунафша Файзиддинзода ҳам мисли роҳбарони собиқи шаҳр дақиқ нагуфт, ки сохтмони муассисаи таълимӣ кай оғоз мешавад. Бо гузашти беш аз 30 сол аз замони шурӯи корҳои сохтмонӣ ҳамоно сохтмони иншооти мавриди назар нотамом боқӣ мондааст.

Агар масъулони мухтарам ба ин масъала каме таваҷҷуҳ мекарданд, шояд дар ин муддати тӯлонӣ мушкили мазкур бартараф карда мешуд.

Вахш

## ШАРҲИ ХУДКУШИИ ДОМОДУ АРӮС



**Дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ҳанӯз 27-уми марти соли равон домоду арӯс баъди ҳамагӣ се-чор рӯзи зиндагии муштарак якҷо даст ба худкушӣ зада буданд. Сабаби ба чунин кор даст задани онҳо бемории руҳӣ гуфта шуд.**

Қурбон Юсупов, раиси ноҳияи Вахш рӯзи 25-уми июли соли равон дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки домоду арӯс бемории руҳӣ доштаанд: "Маълумоте, ки мо дорем, онҳо бемории руҳӣ доштанд. Инро на падарашон медонад, на касе мехоҳад. Ягон ҷангу ҷанҷол ҳам нашудааст. Ростӣ, хуб нест. Мо ҳам ҳайрон шудем, ки чаро чунин кор шуд".

Исмоилзода Салоҳиддин, прокурори ноҳияи Вахш афзуд, ки "аз ҷониби мо дар ин масъала қарор қабул карда шуд". Ӯ гуфт: "Падару модарон пурсида шуданд. Яке аз далелҳое, ки онҳо бемории руҳӣ доштаанд, ин буд, ки онҳо чанд маротиба аз ҷониби мулло хонда шудаанд. Падару модарон ҳам гуфтанд, ки онҳо шабона баромада сари замин мерафтаанд. Мегаштаанд. Ҳаминҳо далелҳо мешаванд".

Бояд гуфт, ки ҳанӯз 27-уми марти соли 2022 дар ноҳияи Вахш домоду арӯс якҷо даст ба худкушӣ заданд. Сомонаи Pressa.tj аввалин шуда аз қавли манбаъҳои хеш аз ин ҳодиса хабар дод.

Ҷавонон дар деҳаи Яккатути ҷамоати деҳоти Тоҷикободи ноҳияи Вахш зиндагӣ мекарданд. Ҷавонони худкушикарда Шарифбек Зиёев, сокини ноҳияи Вахш ва Гулҳавас Шоева, сокини ноҳияи Кӯшониён буданд. Онҳо шаби 26 ба 27-уми марти соли 2022 тахминан соатҳои як шабона дар манзили истиқоматии домод, дар оғилхона худро ба дор овехтаанд.

Дӯстӣ

## ХОНА БАРОИ НАЗДИКОНИ САРБОЗИ ШАҲИДШУДА



**Масъулини мақомоти маҳаллии ноҳияи Дӯстӣ тасмим доранд, ки барои пайвандони Муродбек Маҳмақулов - сарбози шаҳидшудаи тоҷик хона созанд. Аллакай барои бунёди хона замин ҷудо карда шудааст.**

Нишонзода Даврон, раиси ноҳияи Дӯстӣ дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки Муродбек Маҳмадқулов бо ҳамроҳии модар ва як бародару хоҳараш дар хонаи иҷора зиндагӣ мекарданд. Ӯ мегӯяд, ки "мо заминро аз наздикии маркази ноҳия ҷудо кардем. Аз ҳисоби мақомоти маҳаллӣ барои онҳо хона месозем. То зимистон ба хонаи нав мекӯчанд".

Ҳамчунин, ӯ афзуд, ки ба номи сарбози шаҳидшудаи тоҷик Муродбек Маҳмадқулов муассисаи таълимии рақами 33 ва яке аз кӯчаҳои марказии ноҳияи Дӯстӣ ба номи Зоир Саидмуродов номгузорӣ мешавад.

"Мо тасмим дорем ҳам номи мактаб ва ҳам номи яке аз кӯчаҳои марказии ноҳияи Дӯстӣ ба номи сарбозони шаҳидшуда номгузорӣ карда шавад. Дар ҳамин иҷлосияи дар пеш истода ин масъала ҳал мешавад. Мо дар маросими ҷанозаи онҳо иштирок кардем. Ба оилаҳои онҳо кумак кардем ва дар оянда боз кумак мекунем",- афзуд ӯ.

Ёдовар мешавем, ки Муродбек Маҳмадқулов, аскари тоҷик 13-уми июни соли 2022 ва Зоир Саидмуродов 13-уми апрели соли 2022 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд аз сӯйи марзбонони қирғиз кушта шуда буданд.

Ҷалолиддини Балхӣ

## ТАҚДИРИ НОРӮШАНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ОРД



**Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бузургтарин корхонаи истеҳсоли орд дар Осиёи Марказӣ чанд сол аст, ки фаъолият намекунад. Корхонаи мавриди назар як замон яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони орд дар минтақа буд.**

Убайдуллои Файзулло, раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар нишасти хабарии хеш рӯзи 26-уми июли соли ҷорӣ гуфт, ки агар корхона дубора ба фаъолият оғоз кунад, минтақавӣ мешавад. Ӯ мегӯяд, ки корхона бениҳоят калон аст. Мутаассифона, санаи фаъолшавии корхона ҳанӯз маълум нест.

- Намояндагони Ҷумҳурии Қазоқистон бо роҳбарии муовини сарвазири он кишвар омада буданд. Чор ошёнаи корхонаро гашта диданд. Ҳаҷми калон доштанашро муайян карда, гуфтанд, ки мо меравем, маслиҳат мекунем. Аммо аз панҷ моҳ гузашт ва мо ягон маълумот надорем. Касе онро кандан ва аз байн бурданӣ нест. Омада мебинанд. Ба фикрам аз ҳисоби ҳаҷми калон доштанаш камтар проблемаҳо мешавад,- гуфт ӯ.

Бино ба маълумоте, ки мо дастрас кардем, корхонаи мазкур дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар як шабонарӯз то 450 тонна орд истеҳсол мекардааст.

Ёвон

## 311 ГЕКТАР ЗАМИН ФУРӮ РАФТ. ЧАРО?



**Бо як қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 311 гектар замин дар ноҳияи Ёвон аз гардиши кишоварзӣ берун карда шуд. Сабаб фурӯравии заминҳо будааст.**

Ҷамшед Саидзода, раиси ноҳияи Ёвон рӯзи 29-уми июли соли ҷорӣ дар нишасти матбуотии хеш гуфт, ки сабаби асосии фурӯ рафтани 311 гектар замин - ин пеш аз ҳама сафедхок будани заминҳои ноҳияи Ёвон аст. Ӯ мегӯяд, ки ин заминҳо корами обӣ ва корами лалмӣ будаанд.

- Заминҳо сафедхоканд. Агар обро зиёдтар равон кунем, албатта он ба таги замин меравад. Мо дринажҳои тагизаминие дорем, ки имрӯз маҳкам шудаанд ва оби онҳо боло баромада истодааст. Ҳамин об рафта-рафта заминҳоро ба фурӯравӣ мачбур карда истодааст. Барои пешгирии фурӯравии заминҳо пеш аз ҳама тоза кардани дринажҳо лозим аст. Баъдан, мардум ҳам бояд маданияти истифодабарии оби полезиро дуруст ба роҳ монанд. Ба ҷойи обмонии қатрагӣ обро бебаркаш сар медиҳем,- афзуд вай.

# МУЛОҚОТИ ҲОКИМ ХОЛИҚЗОДА БО САФИРИ МУХТОРИ ҶОПОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





**27-уми июли соли 2022 Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо Сафири Фавқулодда ва мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Тосихиро Аики мулоқот намуд.**

Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба вазъи феълии равобит дар бахшҳои иқтисодиву ичтимоӣ ва имконияти густариши минбаъдаи он табодули афкор намуданд.

Дар оғоз Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба Ҳукумати Ҷопон барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва ҳиссагузорӣ дар рушди ичтимоиву иқтисодии кишвар миннатдорӣ баён намуда, таъкид бар он дошт, ки дар доираи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои иқтисодиву ичтимоӣ бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла бо кишвари Ҷопон сол аз сол тақвият ёфта истодааст.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аз назаррас арзёбӣ гардидани саҳми Ҷопон дар рушди иқтидори кадрии мамлакат, бахусус Бонки миллии Тоҷикистон махсусан таъкид кард. Зикр гардид, ки дар доираи лоиҳаи пешниҳоди идрорпулӣ барои омода сохтани мутахассисон, аз соли 2011 то айни ҳол 16 мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон дар донишгоҳҳои олии Осиё ва Укёнуси Ором ба таълими дусола фаро гирифта шуда, 11 нафари онҳо омӯзишро муваффақона ба анҷом расонидаанд, ки феълан дар рушди низоми бонкии мамлакат саҳм мегузоранд.

Дар навбати худ Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Тосихиро Аики ба тавсеа додани ҳамкорӣ дар самтҳои барои ҷониби Тоҷикистон, бахусус низоми бонкӣ афзалиятнок таваҷҷуҳ зоҳир намуда, омодагии хешро ҷиҳати мусоидат дар тақвият додани самтҳои муҳими ҳамкорӣ изҳор дошт. Инчунин, номбурда аз оғози раванди ҳамкорӣ ҷиҳати сармоягузорӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҷопон истиқбол карда, рушд додани ҳамкориро бо истифода аз имкониятҳои молиявӣ ба низоми бонкӣ муҳим арзёбӣ намуд.

Дар хотима Ҳоким Холиқзода ҳавасмандии худро ҷиҳати густариши муносибатҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бонкҳои Ҷопон, аз ҷумла омӯзиши таҷрибаи ташкилотҳои молиявии Ҷопон, барпо намудани муносибатҳои муросилотӣ, табодули таҷриба байни сохторҳои алоқаманди бонкҳои марказӣ дар бахши сиёсати пулию қарзӣ, устувории молиявӣ, идоракунии захираҳои байналмилалӣ, рушди бозори суғурта, назорати бонкӣ ва низоми пардохт изҳор дошт.

Мулоқот дар фазои ҳусни тафоҳум баргузор гардид ва ҷонибҳо изҳори омодагӣ карданд, ки дар оянда ҳамкориҳои судмандро густариш хоҳанд дод.

# ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

**Ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якум ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюми соли 2022 дар ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.**





Ҷаласаи мазкур таҳти роҳбарии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва ҳузури Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло, муовинони Раиси БМТ Толибзода Фирдавс Назримад ва Накҳатзода Моҳбону Киромиддин доир гашт.

“Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати рушди низоми бонкӣ, таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, баҳри ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои назаррас пайваста талош меварзад”,- изҳор намуд зимни шарҳи низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким. Зикр карда шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ мусбат арзёбӣ гардида, баҳри баланд бардоштани рушди иқтисодию ичтимоии кишвар раванди ислоҳот дар низоми бонкӣ идома хоҳад ёфт.

Дар ҷараёни ҷаласа рӯнамои муфассал оид ба “Нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2022” аз ҷониби директори Департаменти назорати бонкӣ Шарипов Фирӯз ва роҳбарони сохторҳои калидии масъул дар мавриди суботи молиявии низоми бонкӣ, татбиқи сиёсати қурби асъор, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти мониторинги молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки низоми пардохт, баҳогузории хизматрасониҳои низоми бонкӣ, инчунин ичроиши вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ манзури ҳозирин гардонида шуд.

Дар идома, роҳбарони бонкҳо оид ба ичроиши вазифаҳои дар наздашон гузошташуда, ки махсус аз дастуру супоришҳои Паёми Пешвои миллат бармеоянд, ҳамзамон дар самти таҳкими стратегияи рушди фаъолият барои солҳои 2022-2026, татбиқи лоиҳаҳои нав ҷиҳати дастрасии молиявии аҳолӣ ҳисоботи мушаххас доданд.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло аз натиҷаи фаъолияти низоми бонкӣ ва масъалаҳои матрахшуда хулосабарорӣ намуда, барои идома додани ислоҳот дар низоми сиёсати пулию қарзӣ бо истифода аз фишангҳои муосир бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ, тавсеа додани механизми қарздиҳӣ, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба низоми бонкӣ ва ба таври зарурӣ истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда барои рушди низом аз роҳбарони бонкҳо даъват кард.

Дар интиҳо Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким дар такя ба дастуру супоришҳо аз Паёми Пешвои миллат ба низоми бонкӣ вазифаҳои навбатиро барои нимсолаи дуюми соли 2022, аз қабили таҳкими стратегияи рушди фаъолият барои солҳои 2022-2026, таъмини эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, тақвият бахшидани низоми идоракунии корпоративӣ, беҳтар намудани сатху сифати хизматрасониҳои бонкӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, коҳиш додани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол, андешидани тадбирҳо барои ҷалби бештари сармоягузориҳо ва мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, баланд бардоштани тахассусияти кормандони низоми бонкӣ, ичрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағгузории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти минбаъдаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дар умум, низоми бонкӣ муаррифӣ намуд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ ...

## ФУРӮШИ ХОНА

► 2-ҲУҶРАГӢ

► 2-ҳуҷрагӣ, қабати 2, таъмиршуда. Суроға: Зарафшон. Тел: 907-29-49-49.

## МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел.: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи ҳадяи №1Ш-1109 аз 03.10 соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи якуми кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 7, ҳуҷраи 17 ба номи Мирзоева Умеда, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0189480-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №128-и ноҳияи Фирдавсӣ (собиқ МТМУ №115-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 2008 ба Давлатова Марҷона додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 281/1, ҳуҷраи 33 ба номи Додоҷонов Рустам Ҳамидович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0520870-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино соли 2018 ба Қурбонов Сорбон Исматуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми Т-ШТУ №251717-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансур соли 1987 ба Шаҳобов Маҳмуджон Ваҳопович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 13/12, ҳуҷраи 16 ба номи Ғафоров Сайдумар Сафарович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 5Д-192, ки аз 19.05. соли 2008 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳисор бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 1, ҳуҷраи 2 ба номи Пиракова Мухаббат Толибовна ба расмият дароварда шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш-1363, ки аз 15.07 соли 2014 Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 45 ба Дурманова Фируза Бобоназаровна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.


► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0239264-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи И. Сомонӣ соли таҳсили 2014-2015 ба Назипов Шоҳрамазон Раҳимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми №0420795-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и вилояти Хотлон, ноҳияи Ёвон соли 2017 ба Назипов Шоҳрамазон Раҳимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Маҷидов Далер Назриевич, РЯМ: 1430065780, РМА: 145809887, ки онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар сабаби гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Қаюмов Муҳибулло Аҳёевич, РЯМ: 1430057164, РМА: 145753315, ки онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар сабаби гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Шарипова Саъбагул Бобишоевна, РЯМ: 1430039316, РМА: 145703779, ки онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.




## ҶАВОБИ СКАНВОРДИ №30

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Б | О | З | О | Р | | М | А | Р | О | М |
| С | | | | С | | | О | | | | У |
| А | | | | И | Е | Н | А | | | | Ъ |
| Б | | | | Р | | И | | | | | М |
| Б | | | | И | Ф | Ш | О | | | | И |
| О | | Р | У | С | | О | | М | У | И | Н |
| Б | Д | А | | | | Н | | И | | О | |
| А | | Д | А | В | Л | А | Т | М | А | Н | Д |
| | | А | | Е | | | С | | Р | | |
| А | Б | Р | О | Р | | С | И | М | С | И | М |
| М | | | | Ч | О | К | | | | | А |
| М | | | | Е | | А | | | | | Ъ |
| И | | | | Л | У | Т | Ф | | | | М |
| А | | | | Л | | | О | | | | У |
| К | Е | Л | Д | И | | А | Л | И | Ш | Е | Р |

# Толеънома




## Ҳамал
*21.03 - 20.04*

*Ҳафта бобарор меояд, корҳоятонро ба осонӣ анҷом медиҳед. Баъзе мушкилиҳои ночиз табъатонро хира месозанд. Барои пешравии корҳоятон миёнатонро маҳкам бандед. Ҳар як лаҳзаро ғанимат донед. Қисми дуюми ҳафта даромади калони пулӣ дар назар аст.*



## Мизон
*25.09 - 22.10*

*Ҳафтаи нав бароятон як қатор навгониҳоро пеш меорад. Сешанбе дӯсти наздикатон барои маслиҳатпурсӣ меояду мушкилашро осон кардан мехоҳад. Қисми дуюми ҳафта сафари корӣ дар назар аст. Тоҷиронро даромади калони пулӣ интизор аст.*



## Савр
*21.04 - 21.05*

*Қисми аввали ҳафта барои амалӣ намудани орзуҳоятон айёми хубе фаро мерасад. Дар ин рӯзҳо ошиқ шуданатон дар назар аст. Вале ба ҳассосият дода шуда, хато накунед. Қисми дуюми ҳафта барои ба даст овардани маблағи калон кӯшиш мекунед, вале бефоида.*



## Ҷавзо
*22.05 - 21.06*

*Барои нафарони муҷаррад ҳафтаи бахткушо аст. Духтаронро лозим аст, ки дар бораи хостгорони омада маълумот ҷамъоварӣ намуда, пасон ба хулосаи аниқ оянд. Нимаи дуюми ҳафта дар коргоҳ каме ҷангу ҷанҷол дар назар аст.*



## Қавс
*25.11 - 21.12*

*Ин ҳафта ситораҳо ором будanро тавсия медиҳанд. Асабонияти зиёд сабаби бадгӯю ранҷиши дигарон хоҳад шуд. Агар худро ба даст нагиред, ба решаи дарахти меҳру муҳаббататон теша хоҳед зад.*

*Даромади пулӣ ин ҳафта шуморо дар назар нест.*



## Саратон
*22.06 - 23.07*

*Ин ҳафта шуморо дигаргуниҳои куллӣ дар назар аст. Орзуи деринатон дар пояи амалишавӣ қарор дорад. Барои ба даст овардани маблағ каме кӯшиш кунед. Дӯсти наздикатон барои маслиҳат наздатон меояду аз мушкилоташ сухан мекушояд.*



## Ҷаддӣ
*22.12 - 20.01*

*Ин ҳафта хабари хуше мешунаведу табъатон болида мегардад. Нимаи дуюми ҳафта шиносоии аҷибе дар назар аст. Агар риштаи дӯстиро наздиктар кунед, тамоми нақшаҳо ва орзуҳоятон бо ёрии дӯсти наватон амалӣ хоҳанд шуд. Инчунин, даромади калони пулӣ охири ҳафта шуморо интизор аст.*



## Асад
*23.07 - 22.08*

*Ин ҳафта бештар ба намуди зоҳирии худ аҳамият диҳеду либосатонро иваз кунед. Қисми дуюми ҳафта лоиҳаҳои нави тарҳрезӣ кардаатонро ба роҳбарият пешкаш намуда, муваффақ мегардед. Барои амалӣ намудани орзуҳо каме маблағ ва қуввати корӣ лозим аст.*



## Далв
*21.01 - 19.02*

*Ин ҳафта ситораҳо ба намояндагони ин бурҷ тавсия медиҳанд, ки гузаштаи талхро фаромӯш намуда, фикри ободӣ ва ояндаашонро кунанд. Нимаи дуюми ҳафта омадани меҳмонҳои олиқадрро интизор бошед. Меҳмоннавозӣ ва кордонию одамгариатонро собит намоед.*



## Сумбула
*23.08 - 22.09*

*Ин ҳафта бештар ба намуди зоҳирии худ аҳамият диҳеду либосатонро иваз кунед. Қисми дуюми ҳафта лоиҳаҳои нави тарҳрезӣ кардаатонро ба роҳбарият пешкаш намуда, муваффақ мегардед. Барои амалӣ намудани орзуҳо каме маблағ ва қуввати корӣ лозим аст.*



## Ҳут
*20.02 - 20.03*

*Ин ҳафта ҳамкорон дар ҳар коратон камбудӣ мечӯянду шуморо дар назди роҳбар сиёҳ кардanӣ мешаванд. Бояд эҳтиёткору бодиққат бошед, бахусус ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо. Агар ба хатоӣ рох диҳед, бекор мондanатон дар назар аст. Бинобар ин, худро батамом ба кор бахшед.*



# НАХӮРДА, ФАРБЕҲ МЕШАВАМ. САБАБ ЧИСТ?

**Ман ҳамеша харобу химчамиён будам. Вақтҳои охир яку якбора вазнам зиёд шуда истодааст. Бинобар ин, қарор додам, ки хӯроки нисфирӯзиро мехӯраму хӯроки шомро не. Вале хароб намешавам. Сабаб чист?**

*Ба саволи шумо табиб Сафаралӣ Самадов ҷавоб медиҳад:*

- Хӯроки шом нахӯрдан ба он оварда мерасонад, ки организми шумо ба ҷои чарбҳоро сӯзонидан ба режими фаъолтари боз ҳам зиёдтар захиракунии онҳо шуруъ менамояд. Бо ин роҳ шумо на хароб, балки фарбеҳтар шудан мегиред. Барои ҳамин ҳам шуморо лозим аст, ки шомгоҳон ба ҷои хӯрокҳои серравғану серғизо хӯроки сабукҳазм истеъмол кунед. Масалан, фалла бо як қошуқ асал, 50 мл йогурт, 100 мл чурғот ё кефир бо кабудии майдарезакардашуда, калсийи маҳсулоти ширӣ дар сӯхтани чарбҳо хеле фаъоланд. Аммо шабҳангом ширинӣ нахӯред. Махсусан, шоколад! Шоколад дар таркиби худ калорияи зиёд дорад. Вале агар бе он ҳам наметавониста бошед, шоколади вазнаш то 50 грамм бударо танҳо рӯзона хӯред, кифоя аст. Онҳое, ки ҳамеша андоми зебо доранд, таркиби хӯрокашонро аз мевачоту сабзавот хеле бой сохтаанд. Масалан, бо мақсади дар организмашон паст намудани калориянокӣ шарбати мевачотро бо иловакунии оби ҷӯшонидашудаи хунук омехта менӯшанд. Онҳо ҳангоми гурусна шудан хушкмева мехӯранд. Алалхусус зардолуқоқро. Хушкмеваро аз супермаркетҳо нахаред. Барои он ки бо мақсади намуди ҷалбкунанда гирифтанаш бо роҳҳои гуногун мешӯянду меомезанд. Онро бехтараш аз бозорҳо харидорӣ кунед.

# ДАВОИ ФИШОРБАЛАНДӢ

**Дар тиби мардумӣ пӯсти картошкаро барои паст кардани фишори хун истифода мебаранд.**



Қоидаи тайёр кардани даво: Пӯсти картошкаро бо об омехта, муддати даҳ дақиқа мечӯшонем. Сипас, онро хунук намуда, муддати як шабонарӯз аз 2 то 4 қошуқ пеш аз хӯрок истеъмол менамоем. Ин бехтарин ва безарартарин давои фишорбаландӣ аст. Ҳамчунин, ин моеъ шамолхӯрии роҳи нафас (бронхит)-ро пешгирӣ мекунад.

# РОҲИ РАҲОЙ АЗ ФАРОМӮШХОТИРӢ



**Истеъмоли шоколад кори мағзи сарро хуб ва ҳофизаро қавӣ мегардонад. Инро мутахассисони Донишгоҳи Австралияи Ҷанубӣ муайян кардаанд.**

Пажуҳишгарон дар асоси 30 соли мушоҳидаи 1000 ихтиёрӣ ба хулоса омадаанд, нафароне, ки ҳафта як маротиба ё бештар аз он шоколад истеъмол мекунанд, масъалаҳои гуногуни зеҳниву ақлониро беҳтар ҳал менамоянд. Бо ёрии шоколад, ҳамчунин, метавон хавфи диабети қандро кам кард.

# КУ МАОШЕ, НАРХИ БОЗОРРО ЗАНАД?

## Ё чанд намуна аз шеърҳои иҷтимоии Раҷаб Саидӣ



**РАҶАБ САИДӢ ШОИРИ ШИРИНСУХАНУ РАНГИНХАЁЛ АСТ. БАРОИ ҲАВОДОРОНИ ШЕЪРАШ СОДДАВУ РАВОН МЕНАВИСАД. БЕШТАРИ ШЕЪРҲОЯШ ДАР МАВЗУЪҲОИ ИҶТИМОӢ ЭҶОД ШУДААНД.**

### МЕШАВАД

*Ку маоше, зиндагӣ таъмин шавад,*
*Ку маоше, рӯзгор ширин шавад,*
*Ку маоше, орзу рангин шавад,*
*Нест имрӯз, лек фардо мешавад.*

*Ку маоше, чашм оламбин шавад,*
*Нархи орд чун аҳди Косигин шавад.*
*Арзиши як қуттӣ гӯгирд тин шавад,*
*Нест имрӯз, лек фардо мешавад.*

*Ку маоше, нархи бозорро занад,*
*Тоҷири бенангу беорро занад,*
*Беимон, марди рибохорро занад,*
*Нест имрӯз, лек фардо мешавад.*

*Ку маоше, ки ғизо арзон шавад,*
*Равғану гӯшт ҳафту даҳ сомон шавад,*
*Барқи тоҷик баҳрамон ройгон шавад,*
*Нест имсол, соли дигар мешавад.*

*Ку маоше, дидаҳо ҳақбин шавад,*
*Дую се сомон газу бензин шавад,*
*Бар ҳасудон хушҳолӣ қин шавад,*
*Нест имсол, соли дигар мешавад.*

*Ку маоше, нархи манзилро занад,*
*Арзиши ҷарроҳии дилро занад,*
*Нақшаи қаллоби ботилро занад,*
*Нест имсол, соли дигар мешавад.*

### АНДЕША

*Як мушти хоки сардем, мо хоккислатонем,*
*Мо марди доғу дардем, дар нангу ор ниҳонем.*
*Шоҳномахони даврем, бо ёди пири Тӯсӣ,*
*Мо марди раҳнавардем, дар рӯи роҳ намонем.*
*Ашъори Мавлавиро мо бехато бихонем,*
*Шогирди он бузургем, дилпур, дар амонем.*
*Бо мисраҳои Ҳофиз, андарзу панди Саъдӣ,*
*Мо марди мардҳоем, мо мисли паҳлавонем.*

*Бо чашми сар бидидем хуни лаби Ҳилолӣ,*
*Аз ӯ сабақ гирифта, бар хасм беамонем.*
*Бо дасти сангбаста Собир даруни об аст,*
*Дар байни обу оташ мо мисли ӯ ҷавонем.*
*Завқи баланди Туғрал ошиқ намуд моро,*
*Содиқ ба ишқи поку бо ишқ ҷовидонем.*
*Ҳафтод зарбаи чӯб нақшест ба пушти Айнӣ,*
*Ҳар нақши пушти ӯро дар пушти худ бидонем.*
*Ҳар як нафас ғанимат аз баҳри рушди кишвар,*
*Фардои мо дурахшон, мо фахри ин ҷаҳонем.*

### ҶАНГ ЭЪЛОН МЕКУНАМ!

*Бар алайҳи носавобон ҷанг эълон мекунам,*
*Ман баҳори носавобонро зимистон мекунам.*
*Пояи дор мебарорам ҳар хабиси шумро,*
*Ман хиёбони ҳасудонро биёбон мекунам.*
*То нагирам аз рикоб ман пои ҳар ношӯстарӯ,*
*Роҳату осудагии худ вайрон мекунам.*
*То насозам воизони ҳарзагӯро рӯсиёҳ,*
*Ин набарди беамонамро дучандон мекунам.*
*То насозам шоирони ёвагӯро бепаноҳ,*
*То ба охир ин амал аз рӯи виҷдон мекунам.*
*То насозам тавбагӯ ҳар як рибохори палид,*
*Ҷанг эълон мекунам, боз ҷанг эълон мекунам!*

### НОБУДӢ

*Агар нобудӣ дар олам набудӣ,*
*Тамоми кори олам хуб будӣ.*
*Агар нобудӣ дар одам набудӣ,*
*Ҳаёти одамӣ ҳам хуб будӣ.*

*Агар нобуди олам буд будӣ,*
*Набудӣ кинадориву ҳасудӣ,*
*Набудӣ ҳиллаву найрангу ҷоҳӣ,*
*Набудӣ рӯи туршу бенамудӣ.*

*Агар нобудӣ дар олам набудӣ,*
*Ғаму андуҳро шодӣ рабудӣ,*
*Набудӣ эҳтиёҷ бар ришвахорӣ,*
*Ҳаёти одамӣ зебо намудӣ.*

*Агар нобуди олам буд будӣ,*
*Набуд ношӯстарӯӣ, бесаломӣ,*
*Намешуд фаҳш ин лаҳни табаррук,*
*Набудӣ мардикорию ғуломӣ.*

*Агар нобуди олам буд будӣ,*
*Тамоми ҳофизон онро сурудӣ.*
*Агар нобудӣ дар одам набудӣ,*
*Тамоми шоирон онро сутудӣ.*

# АЗ АСКАРИ ҶБВ ТО РАИСИ КБД

**(Аввалаш дар саҳ.8)**

Соли 2013 Евгений Иванович бо даъвати раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон Ятимов С. С. ба Душанбе омад. Мулқоти ӯ бо роҳбарияти Кумита ва баъдан бо ҳайати шахсӣ ва ветеранҳои мақомоти бехатарӣ, ки аксарашон дар замони ӯ кор карда буданд, доир гардид. Ин вохӯрӣ аҷоиб ва нотакрор буд. Дар он аз хотираҳо ва таҷрибаи кори худ нақл кард, оид ба фаъолияташ дар ҷумҳурӣ ва эҳтироми хосааш ба халқи тоҷик гарму ҷӯшон сухан ронд.

Соли 2014 бо ибтикори Евгений Иванович дар шаҳри Москва бахшида ба 90-солагии таъсисёбии мақомоти бехатарии Тоҷикистон вохӯрии собиқадорони сохторҳои бехатарии Русия ва Тоҷикистон, ки қаблан дар ҷумҳурӣ кор карда буданд, баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ зиёда аз 90 нафар иштирок доштанд. Намояндагони Сафорати Тоҷикистон низ ҳузур доштанд. Иштирокчиён аз хотираҳои худ нақл карданд, дар бораи фаъолияташон дар Тоҷикистон, мардуми ин кишвар ва зарурати ташкили чунин вохӯриҳо дар оянда сухан гуфта шуд. Ба иштирокдорони ин вохӯрӣ медалои хотиравӣ супурда шуд.

Ба муносибати 90-солагии Евгений Иванович дар Москва китоби ёддоштҳои ӯ бо номи «Марҳалаҳои ҳаёт» («Этапы жизни») аз чоп баромад, ки дар он Евгений Иванович дар бораи лаҳзаҳои асосии ҳаёти худ, ҳамкорон ва наздиконаш нақл мекунад. Аз ҳамкоронаш аз Тоҷикистон - Ш. К. Қурбонов, К. П. Пулодов, Я. К. Расулов, Х. Ш. Шарифов, М. Х. Сироҷиддинов ва бисёр дигарон низ бо эҳтиром ва самимӣ ёд меорад.

Аз замоне, ки Первентсев дар Тоҷикистон кору зиндагӣ мекард, солҳои зиёд гузашт, вале ӯ ба Тоҷикистон ҳоло ҳам таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва робитаашро бо ҳамсафон ва дӯстон канда намекунад. Ӯ ҳоло ҳам нерӯманд ва ташаббускор аст.

Ана ҳамин хел одами аҷоиб, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо мо зиндагиву кор мекунад. Ӯ дар синни 96-солагӣ ҳам моро дар ҳайрат мегузорад, барои иҷрои корҳои нек рухбаланд месозад, дар ҳама чиз намуна аст, чун мураббӣ ғамхор ва чун омӯзгор пур аз ҳикмату маърифат аст.

**Давлат МАМАДРИЗОБЕКОВ,**
**собиқ муовини Вазири амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## *Тақвими* ТОҶИКИСТОН

**3-ЮМИ АВГУСТ**

**САНОВБАР АЗИЗОВА** (1927-2003), 95-солагии зодрӯзи наттоқи радио, Корманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**НЕЪМАТУЛЛО РАҶАБОВ** (1967), 55-солагии зодрӯзи журналист.

**ЮЛЯ ЛЕСКОВА** (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия, Корманди хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

**ВАЛӢ МАҲМУДОВ** (1922-2001), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**4-УМИ АВГУСТ**

**ЗИЁВУДДИН НИЗОМОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**АЛЕКСАНДР МАМОНТОВ** (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**СОМЕЪҶОН УРОҚОВ** (1947-2009), 75-солагии зодрӯзи навозанда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**5-УМИ АВГУСТ**

**АБДУЛҲАМИДИ САМАД** (1947), 75-солагии зодрӯзи мутарҷим, нависанда, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**АСОБИДДИН ТОШМАТОВ** (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, Ходими хизматнишондодаи Тоҷикистон.

**МАМАДАЁЗ НАВҶУВОНОВ** (1942-2015), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор, ходими давлатӣ.

**6-УМИ АВГУСТ**

**РУСТАМ ИСОЕВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**РАЪНО САЙМУРОДОВА** (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**ТОЛИБ МУМИНОВ** (1932-2000), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика.

**ИМОМНАЗАРИ ХОЛНАЗАР** (1952-2007), 70-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**7-УМИ АВГУСТ**

**ҚУРБОН ХОҶАЕВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои педагогӣ.

**РАҶАБГУЛ ҚОСИМОВА** (1947-2021), 75-солагии зодрӯзи ҳунарпешаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**ГУРЕЗ ЗАРИФОВ** (1947-2016), 75-солагии зодрӯзи ходими давлатӣ, генерал-лейтенант, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**ФАРРУХ ҲУСЕЙНОВ** (1952), 70-солагии зодрӯзи журналист, Корманди хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

**8-УМИ АВГУСТ**

**АБДУЛМАҶИД ВОҲИДОВ** (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои тиббӣ, профессор.

**РАҲИМҶОН ҒАФУРОВ** (1937-2014), 85-солаги зодрӯзи арбоби ҳизбӣ ва давлатӣ.

**СОЛЕҲБОЙ КЕНҶАЕВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи забоншинос, олими соҳаи филология.

**9-УМИ АВГУСТ**

**АСАДУЛЛО ШАРИФОВ** (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика ва математика.

**Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

ҶУДО

# ШИРКАТИ 9 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР МУСОБИҚАИ ҚАЗОҚИСТОН

**Аз 4 то 7-уми август дар шаҳри Нур-Султони Қазоқистон Чемпионати ҷудои Осиё баргузор мешавад, ки дар он намояндагони Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.**




Баргузории ин мусобиқа ба нақша гирифта нашуда буд, вале пас аз ба таъхир афтодани Бозиҳои Осиё Иттиҳоди ҷудои Осиё тасмим гирифт, ки чунин як чорабиниро баргузор кунад.

Дар Чемпионати Осиё 180 варзишгар (104 мард, 76 зан) аз 19 кишвари қора ширкат мекунанд. Аз ҷумла Тоҷикистонро 9 варзишгар намояндагӣ хоҳанд кард, ки инҳо Муҳаммад Маҳмадизода дар вазни -60 кг, Шаҳбоз Саидаброров дар вазни -66 кг, Бехрӯз Хоҷазода дар вазни -73 кг, Сомон Маҳмадбеков ва Шодмон Ризоев дар вазни -81 кг, Комрон-шоҳ Устопириён ва Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни -90 кг, Абӯбакри Акобир дар вазни -100 кг, Темур Раҳимов дар вазни +100 кг ҳастанд.

Барномаи мусобиқа 4-уми август аз сабқати занон дар вазнҳои -48 кг, -52 кг, -57 кг ва мардон -60 кг, -66 кг оғоз мешавад. 5-уми август занон дар вазнҳои -63 кг, -70 кг ва мардон дар вазнҳои -73 кг, -81 кг мубориза мебаранд. Рӯзи 6-уми август занҳои вазни -78 кг, +78 кг ва мардони вазни -90 кг, -100 кг, +100 кг ба майдон мебароянд. Дар рӯзи 7-уми август, ки марҳилаи ниҳоӣ аст, рақобатҳои даставии омехта баргузор хоҳанд шуд.

БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГӢ

## ҲАЙАТИ ОЛИМПИИ ТОҶИКИСТОН БА ҚУНИЯ МЕРАВАД

**А 9 то 18-уми август дар шаҳри Қунияи Туркия Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ баргузор мешавад, ки дар он иштироки беш аз 3000 варзишгар аз 57 кишвари узви Федератсияи варзишии ҳамбастагии исломӣ дар назар аст.**

Кумитаи иҷроияи Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон низ ҳайати олимпии Тоҷикистонро иборат аз 65 нафар (48 варзишгар) ба Қуния сафарбар мекунад.

Ба барномаи бозиҳо 20 намуди варзиш (варзиши сабук, камонварӣ, баскетбол, бочча, велосипедронӣ, шамшербозӣ, футбол, гимнастика, ҳандбол, ҷудо, каратэ, кикбоксинг, тирпарронии варзишӣ, шиноварӣ, тенниси рӯи миз, таэквандо, волейбол, варзиши вазнин, куштии варзишӣ ва камонварии анъанавӣ) ворид шудаанд. Ҳамчунин дар намудҳои тенниси рӯи миз, варзиши сабук, шиноварӣ ва камонварӣ мусобиқаҳо миёни варзишгарони имконияташон маҳдуд гузаронида мешаванд.

Варзишгарони мо дар ҳашт намуди варзиш (варзиши сабук, камонварӣ, ҷудо, каратэ, тенниси рӯи миз, таэквондо, варзиши вазнин ва куштии варзишӣ) ширкат мекунанд.

Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ аз соли 2005 ҳар чор сол як маротиба доир мегардад. Варзишгарони тоҷик дар бозиҳо ҳамагӣ 6 медал (як тилло, як нуқра ва 4 биринҷӣ) ба даст оварданд.

Дар аввалин Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ, ки соли 2005 дар Арабистони Саудӣ баргузор шуда буд, Дилшод Назаров дар гурзандозӣ медали тилло ва Насҳиддин Ворисов дар риштаи таэквондо (WT) дар вазни то 54 кило медали нуқра ба даст оварданд.

4 медали дигарро варзишгарони мо дар Бозиҳои 4-уми ҳамбастагии исломӣ, ки моҳи майи соли 2017 дар пойтахти Озарбойҷон баргузор шуд, дар варзишҳои зӯрхонаӣ сазовор шуданд. Наврӯз Арабов дар равияҳои санг ва мили сангин соҳиби ду медали биринҷӣ шуд. Ду медали дигари биринҷиро Абдуалӣ Назаралӣ дар мусобиқаи чархи чаманӣ ва Исмоил Сангов дар каббода гирифтанд.




КУШТӢ

## ПАҲЛАВОНИ НАВРАСИ ТОҶИК ҶОЙИ ПАНҶУМРО ГИРИФТ

**Дар шаҳри Рими Италия Чемпионати ҷаҳонии куштӣ миёни наврасони то 17-сола баргузор шуд. Ин мусобиқа аз 25 то 31-юми июл идома кард.**



Дар чемпионат 597 варзишгар (419 писар, 178 духтар) аз 54 давлат иштирок карданд. Ягона намояндаи Тоҷикистон дар ин чорабинӣ Муҳаммадамин Абдуллоев (80 кг) дар гӯштини тарзи озод ҷои панҷумро гирифт.

Ӯ дар ҳаштякфинал варзишгари Швейтсария Ноаҳ Счваллер, дар чорякфинал намояндаи Арманистон Папин Ҳунанянро шикаст дода, дар нимфинал аз варзишгари Эрон Ризо Сулаймониён ва дар қувваозмоӣ барои ҷойи сеюм аз варзишгари Амрико Закарӣ Ридер мағлуб гардид.

Ёдовар мешавем, ки моҳи июн дар Чемпионати куштии Осиё миёни наврасони то 17-сола дар Бишкеки Қирғизистон Муҳаммадамин Абдуллоев сазовори медали нуқра шуда буд.

CAFA-U-19

## ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ МЕШАВАД

**Аз 5 то 12-уми август дар шаҳри Душанбе Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои ҷавонони то 19-сола баргузор мешавад. Панҷ дастаи мунтахаб барои унвони беҳтарин тими минтақа мубориза мебаранд.**

Дар Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои ҷавонони то 19-сола дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон ширкат мекунанд.

Дар маҷмуъ, дар доираи чемпионат даҳ бозӣ баргузор мешавад. Ҳама вохӯриҳо дар Варзишгоҳи марказии Душанбе доир мегарданд.

Тибқи низомнома Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ байни ҷавонон аз рӯйи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешавад. Дастаи ғолиб аз рӯйи шумораи бештари холҳо муайян мегардад.

Дастаи Тоҷикистон, ки дар даври аввал озод аст, бозии аввалашро рӯзи 6-уми август бо дастаи Афғонистон мегузаронад. Сипас, 8-уми август бо Қирғизистон вомехӯрад. Дар даври 4-ум бо Ӯзбекистон мубориза мебарад ва дар охир бо Эрон қувва месанҷад.

## ШИРКАТИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶАҲОНӢ

**Дастаи мунтахаби шатранҷбозони Тоҷикистон иборат аз 12 нафар, аз ҷумла 6 зану 6 мард, дар Олимпиадаи ҷаҳонии шатранҷ дар шаҳри Ченнайи Ҳиндустон ширкат доранд.**

Ба дастаи бонувон Надежда Антонова, Мутриба Ҳотамӣ, Сабрина Абророва, Рухшона Саидова, Лидия Антонова ва Саодат Одинаева шомиланд. Ҳайати дастаи мардонаи кишвар аз Муҳаммад Ҳусейнхоҷаев, Алишер Каримов, Мустафохуҷа Ҳусейнхоҷаев, Меҳриддин Шарифов, Илҳоми Ҷалолиддин ва Шораҳмат Ҳисориев иборат аст.

Дастаи мунтахаби занонаи Тоҷикистон пирӯзии дуюми худро ба даст оварда. Дастаи Тоҷикистон бар дастаи Барбадос бо ҳисоби 4:0 пирӯз шуд. Ҳоло дастаи мунтахаби занонаи Тоҷикистон аз 4 холи имконпазир 2 хол дорад. Шатранҷбозони тоҷик як рӯз пеш бар дастаи Арабистони Саудӣ бо ҳисоби 4:0 пирӯзии аввалини худро ба даст оварданд. Рақиби навбатии дастаи мунтахаби занонаи Тоҷикистон Ирландия хоҳад буд.



Дастаи мунтахаби мардонаи Тоҷикистон пас аз ду пирӯзии аввал ду маротиба пайи ҳам аз Белгия ва Словакия шикаст хӯрд. Дастаи мунтахаби мардонаи Тоҷикистон аз 4 холи имконпазир 2 хол дорад ва рақиби навбатии он Суринам хоҳад буд.

Мусобиқа, ки дар он намояндагони 186 кишвари ҷаҳон ширкат мекунанд, то 10-уми август идома хоҳад кард.

# ШАКАРХАНД

## Дарди дили марди чорзана

Аз марде, ки чор маротиба зан гирифтааст, мепурсанд:

- Ориф, ба мардҳои безан чӣ тавсия медиҳӣ?

Ориф дар ҷавоб:

- Агар медонистам, ки ҳамааш як хел ҳастанд, умуман зан намегирифтам!

## Шарт

Падари донишҷӯе ба профессор мегӯяд:

- Профессор, ба фикрам писари ман пагоҳ экзаменро супорида наметавонад.

Профессор дар ҷавоб:

- Биёед, ба ҳазор сомонӣ шарт мекунем, ки писаратон месупорад!

## Махфӣ

Марде зани фарбеҳеро ба оғӯш гирифта, мепурсад:

- Насибахон, вазни шумо чӣ қадар аст?

Зан бо ноз:

- Ин махфӣ аст...

Мард мегӯяд:

- Ақаллан се рақами аввалашро гап занед...

## Зани дуюм

Марде ба духтури шиносаш занг зада, мегӯяд:

- Духтур, зудтар биёед, завҷаамро дарди аппендисит азоб медиҳад!

- Хавотир нашавед. Ду сол қабл ман зани шуморо ҷарроҳӣ карда будам. Аппендисит дар одам дубора пайдо намешавад!

Мард мегӯяд:

- Рост мегӯед, лекин зани дуюм пайдо мешавад-ку!

## Бухрони иқтисодӣ

Марде ба мағоза даромада, аз фурӯшанда мепурсад:

- Моҳӣ доред?

- Шӯрмоҳӣ ҳаст.

- Дигар намуди моҳӣ нест?

- Не. Ба ҳамааш бухрони иқтисодӣ айбдор, на нақлиёт асту на бензин.

Мард ба фурӯшанда мегӯяд:

- Чӣ, шӯрмоҳӣ ба мағозаи шумо бо ароба омад?

## Меҳрубонӣ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Ҷонакам, ба ман ягон гапи ширин гӯй.

- Харгӯшак.

Зан бо ноз:

- Боз.

Мард мегӯяд:

- Як села харгӯш.

## Хешовандон

Зану шавҳар бо мошин аз назди деҳае мегузаранд. Зан ду маркабро дида, ба шавҳараш мегӯяд:


- Хешовандонатро дидӣ?

Шавҳар мегӯяд:

- Наход хусуру хушдомонамро надида гузарам!?,- ҷавоб медиҳад мард.

**Таҳияи**
**Нодира РАҶАБОВА**




## ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

# МОҲИ АВГУСТ ҲАВО САЛҚИН АСТ?

**Моҳи июл ҳаво хеле гарм шуд. Баъди ин қадар гармои шадид, чанд рӯз аст, ки ҳаво салқин аст. Оё ин салқинӣ дар моҳи август пурра идома меёбад?**

**НУРАФЗО, сокини шаҳри Душанбе**

Дар посух ба ин савол муовини сардори Маркази обуҳавошиносии Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафархон Шарофиддинов чунин посух мегӯяд:

- Ҳавои моҳи август дар Тоҷикистон дар ҳақиқат нисбат ба июл салқинтар мешавад, вале дар умум ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳавои атмосферӣ аз меъёри иқлимӣ аз 1 то 2 дараҷа баланд пешгӯӣ шуда, дар ноҳияҳои водигӣ аз 17 то 31 дараҷа ва дар ноҳияҳои доманакуҳ 23+25 дараҷа гарм мешавад. Ҳавои моҳи августи имсола ба соли 2016 монанд мешавад.

Интизор меравад, ки дар даҳаи дуюми моҳ ҳаво воқеан ҳам салқинтар шуда, боридани боронҳои кӯтоҳмуддат ва раъду барқ дар назар аст. Дар баъзе ноҳияҳо шамол бо шиддати то 15-20 метр дар як сония мевазад.

Дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳавои атмосферӣ аз меъёри иқлимӣ 1+2 дараҷа баланд пешгӯӣ шуда, дар водиҳо то 31 ва дар ноҳияҳои доманакуҳ то 25 дараҷа гарм мешавад.

Дар нимаи аввали моҳ дар ноҳияҳои водигӣ шабона 25, рӯзона 42 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакуҳ шабона 20 дараҷа ва рӯзона то 36 дараҷа гарм мешавад.

Нимаи дуюми моҳ дар водиҳо шабона 19 ва рӯзона то 38 дараҷа гарм, дар ноҳияҳои доманакуҳ шабона то 15 ва рӯзона то 29 дараҷа гармӣ пешгӯӣ шудааст.

Дар ин моҳ миқдори бориши атмосферӣ аз меъёри иқлимӣ паст пешгӯӣ мешавад. Боридани боронҳои кӯтоҳмуддат ва баамалоии раъду барқ дар нимаи дуюми моҳ дар назар дошта шудааст. Инчунин, дар рӯзҳои алоҳида шамол бо суръати 17-22 метр дар як сония пешгӯӣ шуда, тӯфони чангу ғубор ба амал меояд.

Моҳи август дар вилояти Суғд ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳавои атмосферӣ аз меъёри иқлимӣ 1 дараҷа баланд, дар баъзе ноҳияҳои кӯҳӣ аз меъёри иқлимӣ 1 дараҷа паст пешгӯӣ шуда, дар водиҳо 27 дараҷа ва дар ноҳияҳои кӯҳӣ 17 дараҷа гарм мешавад.

Дар нимаи аввали моҳ дар ноҳияҳои водигӣ шабона 22 ва рӯзона 42 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакуҳ шабона 21 ва рӯзона 35 дараҷа гарм, дар ноҳияҳои кӯҳӣ шабона аз 9 то 14 дараҷа ва рӯзона 30 дараҷа гарм мешавад.

Нимаи дуюми моҳ дар водиҳо шабона 18 дараҷа ва рӯзона 36 дараҷа гарм, дар ноҳияҳои доманакуҳ шабона 16 ва рӯзона 30 дараҷа гарм пешгӯӣ мешавад. Боридани боронҳои кӯтоҳмуддат ва баамалоии раъду барқ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакуҳ дар назар аст. Ҳангоми ба амал омадани раъду барқ дар баъзе ноҳияҳо шамол бо суръати то 15-20 метр дар як сония мевазад.

Дар минтақаҳои кӯҳии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ғарби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳаво то 22 дараҷа гарм мешавад.

Дар ноҳияи Дарвоз гармии ҳаво 26 дараҷаро ташкил медиҳад.